Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

21 январи соли 2026 Чоршанбе № 6 (15225)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## НАТИҶАИ КОРҲО ВА ВАЗИФАҲОИ АФЗАЛИЯТНОК ДАР СОҲАИ РУШДИ ВАРЗИШ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 20 январ бо тақдимоти натиҷаи корҳо, ки дар соҳаи варзиш дар соли 2025 анҷом дода шудаанд, ҷамъбасти мусобиқаҳои калон ва вазифаҳо барои соли 2026 шинос гардид.***

Тавре ки таъкид шуд, бавуҷуд овардани низоми томи омодагии варзишӣ ба натиҷаҳои амалии худро овардан шурӯъ намуд. Фарогирии аҳолӣ бо варзиши оммавӣ ба 15 миллион нафар расид, миқдори шаҳрвандоне, ки бо варзиш мунтазам машғул мегарданд, дар солҳои охир қариб 1,5 маротиба афзуд.

Соли 2025 варзишгарони мамлакат дар арсаи байналхалқӣ ба натиҷаҳои баланд ноил гардиданд. Аз он ҷумла, мунтахаби ҷавононамон дар Универсиадаи ҷаҳонӣ ҷойи 13-ум, дар Бозиҳои наврасони Осиё дар Баҳрайн ва дар Бозиҳои исломии ҳамбастагӣ дар Арабистони Саудӣ ҷойи дувум ва инчунин дар Бозиҳои паралимпии ҷавонон дар АМА мақоми аввалро ишғол намуданд.

Ҷамоаи миллии футбол бори аввал ба чемпионати ҷаҳон роҳхат ба даст овард. Шоҳмотбоз Ҷавоҳир Синдоров дар мусобиқаи довталабон барои тоҷи шоҳмоти ҷаҳон иштирок хоҳад кард.

Ҳамзамон таъкид шуд, ки бо натиҷаҳои бадастоварда набояд маҳдуд шуд, бояд ба таври пурра имконоти мавҷуда ва шароити фароҳамовардаро ба кор андохт. Зикр шуд, ки натиҷаҳои ҷорӣ бинобар чандин намуди варзиш ҳанӯз комилан ба инфрасохтор ва зарфияти фароҳамовардашуда мутобиқат намекунанд.

Бинобар ин, вазифаҳо дар ояндаи наздик ба 17 миллион нафар расондани фарогирӣ бо варзиши оммавӣ гузошта шуд.

Барои ташаккул додани захираи муносиб барои бозиҳои варзишии байналхалқӣ ва олимпиадаҳо низоми шаффоф ва кушоди селексия дар доираи олимпиадаи Президентӣ идома дорад.

Дар давраи якуми мусобиқот 103 ҳазор варзишгар иштирок намуда, дар марҳалаи ниҳоӣ беш аз 3 ҳазор варзишгар аз рӯйи 11 намуди варзиш иштирок намуда, 135 медали тиллоӣ, 134 медали нуқра ва 227 медали биринҷиро соҳиб гардиданд.

Супурда шуд, ки мусобиқот соле ду бор баргузор гардад, онҳо дар минтақаҳо дар байни синни 13-14 сола ва инчунин марҳила ба марҳила намудҳои варзишро то 20-то расонанд.

Махсус таъкид шуд, ки ба кор андохтани шаҳраки Олимпӣ ва Маркази миллии футбол дар таърихи варзиши ватанӣ марҳалаи муҳим гардид. Ҳоло ҳозир ба шаҳраки Олимпӣ 17 федератсияи варзишии олимпӣ ва дигар ташкилотҳои варзишӣ кӯчонда шуданд. Таъкид шуд, ки маҷмуаҳои мазкур бояд рамзи варзиши Ўзбекистон ва кластери ягонаи варзишӣ гарданд.

Ба масъалаҳои бархурди илмӣ ба рушди варзиш эътибори алоҳида нигаронда шуд. Таъкид ёфт, ки ба даст овардани натиҷаҳои баланд нафақат бо инфрасохтор ва мусобиқот, балки бо рушди низомноки тамоми самтҳои илми варзиш низ вобаста мебошад.

Бинобар ин вазифаҳо оид ба васеъ татбиқ намудани бархурдҳои замонавӣ дар соҳаи фармакологияи варзишӣ, диетология, тайёрии функсионалӣ ва ҷисмонӣ, реабилитатсия ва инчунин банақшагирии сарбории инфиродӣ муайян карда шуданд. Ногузирии фаъолсозии корҳои илмиву тадқиқотӣ, татбиқи коркардҳои пешқадам ва натиҷаҳои тадқиқотҳои охирин ба амал ва инчунин пурзӯр намудани табодули таҷриба аз тариқи баргузор намудани анҷуман ва конференсияҳои илмӣ дар дараҷаҳои миллӣ ва байналхалқӣ таъкид гардид.

Инчунин таъкид шуд, ки сектори хусусӣ ва сармоягузорон ба рушди варзиш, дастгирии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори варзишӣ, марказҳои машқ ва бозори хидмати варзишӣ васеъ ҷалб карда шаванд.

Махсус таъкид шуд, ки таъмини дастрасии мактабҳои варзишӣ дар дараҷаи маҳалла, мустаҳкам намудани тартиби бармаҳал ифшо намудани ҷавонони соҳибистеъдод ва омодагии мақсадноки онҳо зарур мебошад.

Дар хусуси чорабиниҳои варзишии байналхалқӣ гузориш дода шуд, ки моҳи январи соли ҷорӣ дар Тошканд баргузор мегарданд.

Аз он ҷумла, баргузор намудани ҷамъомади Бюрои иҷроияи Федератсияи ҷаҳонии шиноварӣ, ҷамъомади Созмони минтақавии зиддидопинги Осиёи Марказӣ (RADOCA) ва анҷумани байналхалқӣ, инчунин Ассамблеяи генералии Шӯрои олимпии Осиё ба нақша гирифта шудааст.

Шӯрои олимпии Осиё соли 1982 таъсис ёфтааст ва ҳаракати олимпиро дар қитъаи Осиё танзим менамояд ва кумитаи миллии олимпии 45 мамлакатро муттаҳид месозад. Дар доираи Ассамблеяи генералӣ муайян намудани самтҳои асосии ҳаракати олимпӣ дар Осиё ва баргузор намудани интихоботи президенти Шӯро пешбинӣ мегардад.

Интизор меравад, ки намояндагони Кумитаи байналмилалии олимпӣ, Шӯрои олимпии Осиё, WADA, роҳбарони федератсияҳои байналхалқии варзишӣ ва дигар ташкилотҳои бонуфузи варзишӣ – ҳамагӣ беш аз 360 меҳмони хориҷӣ иштирок намоянд.

Роҳбари давлат таъмин намудани омодагии ҷиддиро барои баргузор намудани ин чорабиниҳо дар дараҷаи баланди ташкилӣ супориш дод.

Таъкид шуд, ки дар солҳои охир Ўзбекистон дар гӯштини варзишӣ, чӣ дар минтақа ва чӣ дар ҷаҳон, мавқеи устувор ва пурзӯрро соҳиб аст. Бо мақсади минбаъд оммавӣ намудани ин самт ва вуҷуд овардани Академияи минтақавии муҳорибаҳои варзишӣ пешбинӣ мегардад. Аз соли ҷорӣ эътиборан ба таври ҳамешагӣ Ҷоми Президент, мусобиқаи «Ўзбекистон ботирлари», Ҷоми Прокурори генералӣ ва ҳамчунин мусобиқот оид ба гӯштӣ дар байни хидматчиёни ҳарбӣ баргузор хоҳанд гардид. Соли 2026 дар мактабҳое, ки дар минтақаҳо сохта мешаванд, дар баробари гӯштии миллӣ омодагии варзишгарон аз рӯйи намудҳои гӯштии юнону рум, озод ва гӯштини занона оғоз меёбанд. Охири сол ҳадди ақалл дар як мактаби ҳар як ноҳия ва шаҳр клубҳои гӯштин кушода мешаванд.

Ба роҳбари давлатамон инчунин дар бораи иштироки ҳайати Ўзбекистон дар Бозиҳои олимпии зимистонаи XXV маълумот дода шуд, ки он имсол дар Италия баргузор мегардад.

Президенти мамлакатамон ба шахсони масъул доир ба таъмини пурра ва босифати иҷрои вазифаҳои гузошташуда, оммавигардонии варзиш ва ба даст овардани натиҷаҳои босубот дар арсаи байналхалқӣ супоришҳо дод.

**ЎзА.**

## ҶОРАҲОИ МАҶМУӢ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ НИЗОМИ ТАНДУРУСТӢ МУАРРИФӢ ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти пешниҳодҳое шинос шуд, ки ба такмили низоми тандурустӣ, баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва самаранокии ислоҳот дар ин соҳа нигаронда шудаанд.***

Дар ҷараёни тақдимот чораҳое баррасӣ гардиданд, ки барои беҳтар намудани пешгирӣ ва табобати бемориҳои шадиди дилу раг ва серебраваскулярӣ таҳия шудаанд.

Мувофиқи нақша, аз 1 майи соли 2026 дар вилояти Самарқанд ва шаҳри Тошканд барномаи миллии «Мубориза бо инфаркт ва инсулт», ки бар асоси барномаҳои байналмилалии «Stent for Life» ва «Action Plan for Stroke» таҳия шудааст, амалӣ мегардад. Аз 1 октябр барнома вилоятҳои Андиҷон, Намангон ва Фарғонаро фаро мегирад ва аз соли 2027 дар дигар минтақаҳо низ татбиқ мешавад.

Дар доираи барномаи миллӣ ҳар сол баргузории пурсишҳо миёни аҳолии аз 30-сола боло пешбинӣ гардида, бар асоси натиҷаҳо барои гурӯҳҳои хавфнок муоинаҳои мақсадноки тиббӣ анҷом дода мешаванд. Ҳамчунин ҷорӣ намудани алгоритмҳои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ва хатсайрҳои клиникии беморон дар назар аст.

Тибқи стандартҳои байналмилалӣ, ҳангоми расонидани ёрии таъҷилӣ ба ин бемориҳо меъёри «соати тиллоӣ» ҷорӣ карда мешавад.

Дар муаррифӣ инчунин чораҳо оид ба тақвияти имкониятҳои моддию техникӣ ва рақамии хадамоти ёрии таъҷилии тиббӣ пешниҳод шуданд. Аз ҷумла, бригадаҳо бо электрокардиографҳои телеметрӣ ва дефибрилляторҳои монитордор таъмин мегарданд. Имконияти таҳлил бо истифода аз зеҳни сунъӣ ва интиқоли натиҷаҳои ЭКГ тавассути низоми иттилоотӣ, инчунин мубодилаи маълумот дар вақти воқеӣ байни бригадаҳо ва беморхонаҳо фароҳам оварда мешавад.

Дар муассисаҳои статсионарӣ ташхиси инсулт бо истифода аз зеҳни сунъӣ ҷорӣ шуда, масирҳои беморон рақамӣ мегарданд. Беморхонаҳо бо доруҳои маҳлулкунандаи тромб ва маводи зарурӣ барои анҷом додани амалиёти ҷарроҳии таъҷилӣ таъмин хоҳанд шуд.

Ба расонидани ёрии таъҷилии статсионарӣ ташкилотҳои ғайридавлатии тиббӣ низ ҷалб мегарданд ва хидматрасониҳои тиббӣ дар ҳолатҳои бемориҳои шадиди дилу раг ва мағзи сар аз ҳисоби Фонди давлатии суғуртаи тиббӣ маблағгузорӣ мешаванд.

Дар доираи барномаи миллӣ дар низоми иттилоотии «Тандурустии электронӣ» феҳристи электронии беморон ва аҳолии ба гурӯҳи хавф дохилбуда нигоҳ дошта мешавад.

Ҳамчунин ба корҳои пешгирикунанда ва фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ аҳамияти махсус дода шуд. Дар назар аст, ки дар ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ роликҳои иҷтимоӣ, инфографика, аниматсияҳо ва наворҳои кӯтоҳ паҳн карда шаванд, дар назди бозорҳо ва марказҳои савдо билбордҳо ва баннерҳо насб гарданд, инчунин дар муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳо ва маҳаллаҳо семинарҳо ва тренингҳо оид ба ошкорсозии барвақти нишонаҳои инфаркт ва инсулт баргузор карда шаванд.

Илова бар ин, дар доираи барномаи байналмилалии «FAST Heroes» ташаббуси «Angels Initiative» барои хонандагони мактабҳо машғулиятҳои махсус ташкил карда мешаванд. Ҳамасола 29 сентябр — ба муносибати Рӯзи байналмилалии дил ва 29 октябр — Рӯзи ҷаҳонии мубориза бо инсулт баргузории чорабиниҳои оммавии ройгон оид ба чен кардани фишори хун, сатҳи қанд ва холестерин, инчунин баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ дар масъалаҳои расонидани ёрии таъҷилӣ ба нақша гирифта шудааст.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ВАЗИФАҲОИ МУҲИМ ОИД БА РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти натиҷаҳои ноилгардида ва вазифаҳои муҳим барои соли 2026 дар соҳаи рушди технологияи рақамӣ шинос гардид.***

Дар тақдимот таъкид шуд, ки дар солҳои охир дар мамлакат чорабиниҳои муттасил оид ба рушди иқтисодиёти рақамӣ, рақамисозии хидматрасониҳои давлатӣ ва ташаккули экосистемаи инноватсионӣ ба амал татбиқ мегарданд. Бинобар тадқиқотҳои коршиносони хориҷӣ, солҳои 2024-2025 қимати умумии стартап ва экосистемаи венчури мамлакат ба 3,9 миллиард доллар расид. Миқдори стартапҳои ватанӣ беш аз 750-то гардид. Ҳоло 15 фонди венчур амал менамояд, ки ҳаҷми сармояи венчур аз 180 миллон доллар гузашт.

Ўзбекистон чун дуюмин мамлакате дар ҷаҳон шинохта мешавад, ки экосистемаи стартапаш хеле зуд инкишоф меёбад ва дар Осиёи Марказӣ бошад, аз лиҳози суръати афзоиш пешқадам аст.

Дар тақдимот таъкид шуд, ки то соли 2030 афзудани миқдори стартапҳо то 5 ҳазор, миқдори стартапҳое, ки ба бозори хориҷӣ баромадаанд, то 200, ҳаҷми сармояи венчурро то ба 2 миллиард доллар расондан ба нақша гирифта шудааст.

Бо ин мақсадҳо дар асоси таҷрибаи байналхалқӣ низоми чормарҳилагии дастгирии стартапҳо ба амал татбиқ мегардад. Дар марҳалаҳои ғояҳо, коркардҳо, корандозӣ ва вусъатёбӣ додани грантҳо, имтиёзоти андоз, механизмҳои ҳамдастӣ дар таъмини молиявӣ ва ҳамчунин ҷуброни харҷи содирот пешбинӣ мегарданд.

Оид ба рушди минбаъдаи хидматҳои давлатии электронӣ нақшаҳо баррасӣ гардиданд. Аз он ҷумла, ба нақша гирифта шудааст, ки миқдори сервисҳои рақамӣ то 900 расонда, доираи функсияи иловаи мобилии MyGov.uz васеъ гардиданд, татбиқи технологияи зеҳни сунъӣ ба беш аз 50 хидмат расонида, Реестри ягонаи аҳолӣ коркард гардад, ҳамчунин тамоми ҷараёнҳои кушодани тиҷорат, баҳисобгирии соҳибкорони инфиродӣ, расмӣ гардондани кортҳои пластикии бонк, дарёфти SIM-картҳо, хидматрасонии бима ва реклама рақамӣ гардонда мешавад.

Дар ҷараёни тақдимот маълумот дар бораи кор оид ба фароҳам сохтани инфрасохтор барои технологияи зеҳни сунъӣ пешниҳод карда шуд. Ҳамин тариқ, ҳоло ҳозир истифодаи суперкомпутери хурди замонавӣ ба кор андохта шуд, ҷараён дар бобати соҳиб гардидан ва ба кор андохтани суперкомпутери бузург дар марҳалаи фаъол мебошад. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳа дар 15 муассисаи таълими олӣ лабораторияҳои зеҳни сунъӣ таъсис ёфта, зарфияти ихтисосҳои соҳавӣ баланд мегардад ва ҳамчунин имконот барои коркард ва татбиқи ҳалли зеҳни сунъии ватанӣ васеъ мегадад.

Ногузирии вусъат додани шабакаҳои дата-марказҳои замонавӣ дар минтақаҳои мамлакат ва ҳамчунин таъмини бехатарӣ ва бетанаффуси нигоҳдорӣ ва таҳияи маълумотҳо таъкид гардид.

Ба масъалаҳои рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд. Таъкид шуд, ки дар соҳаи мазкур суръати босуботи инкишоф таъмин мегардад: сол то сол суръат ва фарогирии интернет вусъат ёфта, сифати алоқаи мобилӣ беҳтар мегардад. Соли 2026 минбаъд ба амал татбиқ намудани технологияи 5G ба нақша гирифта шуда, фарогирии маҳалҳои аҳолинишин бо интернети баландсуръат ва ҳамчунин ҳарчи бештар истифода намудани алоқаи радифи сунъӣ ба нақша гирифта шудааст.

Президент таъкид кард, ки технологияи рақамӣ бевосита ба баланд бардоштани рақобатбардории соҳаҳои иқтисодиёт, самаранокии идораи давлат ва сифати ҳаёти аҳолӣ мусоидат менамояд ва ба шахсони масъул бобати татбиқи вазифаҳои муайянгардида супоришот дод.

**ЎзА.**

***Дар ноҳияи Поп ба хидматчиёни қисми ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии Хидмати амнияти давлатӣ биноҳои нави хидматӣ супорида шуд.***

## БИНОҲОИ НАВ БА ХИДМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ

Дар бинои нав, ки бо харҷи 28 миллиарду 700 миллион сӯм бунёд гардидааст, шароиту имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар чорабинӣ ҳокими вилоят, роҳбари сектори ҳарбӣ-маъмурӣ Шавкат Абдураззоқов, вакилони ҷамоатӣ, нурониҳо, аскарон ва хидматчиёни ҳарбӣ иштирок карданд.

Ҳокими вилоят ҳарбиёнро табрик намуда, дар бораи ислоҳоте, ки дар роҳи мустаҳкамсозии мудофиаи мамлакатамон амалӣ мегардад, сухан кард. Ӯ таъкид намуд, ки дар мамлакатамон беҳтар намудани шароити корӣ ва тарзи зиндагии оилавии ҳарбиён яке аз масъалаҳои асосии давлатамон ба шумор меравад.

Дар чорабинӣ хидматчиёни ҳарбӣ, ки дар вақти хидмат ба натиҷаҳои баланд ноил гаштаанд, бо нишонҳои сарисинагии Қӯшунҳои сарҳадӣ ва туҳфаҳои арзишманд рағбатонида шуданд.

Дар охири маросим лентаи рамзӣ бурида шуд ва ҷамъомадагон бо шароити муосири фароҳамовардашуда шинос шуданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

*Аз ҳаёти маҳалла*

## МАҚСАДИ АСОСӢ – ХИДМАТИ БЕМИННАТ БА МАРДУМ

Ҳар субҳ вай пеш аз ношто сару бари маҳалларо як давр зада мебарояд. Имрӯз низ ҳамон одаташро такрор кард. Аммо ба кӯчаи роҳаш ду рӯз пеш мумфаршшуда даромаду ҳуш аз сараш парид. Ба чашмонаш бовар намекард: назди дарвозаи яке аз ҳавлиҳои ин кӯча як мошин шағал рехтаанд. Рафту дарвозаро таққос зад. Аввал аз паси дарвоза овози сурфа ба гӯшаш расид. Баъд дарвоза ғиҷирросзанон кушода шуду ҷавонмарди ҷомапӯше аз ҳавлӣ берун шуд.

– Ин чӣ корат? Охир, ба ҳама эълон карда будам, ки то дуруст шах шудани ин роҳ касе бо мошини бораш вазнин ба ин кӯча надарояд! Ё ин гапҳо ба ту дахл надошт, ки як мошин шағалу сангрезаро болои роҳи нав мумфаршшуда оварда холӣ кардаӣ!? Маълум, ки ақлу фаросатат дар ҷояш нест, – даст афшонда ба ин ҷавонмард хитоб кард ӯ.

– Раисҷон, худам ҳам бехабар мондаам. Чанд рӯз пеш ба ронандаи маҳаллаи ҳамсоя як мошин шағал фармоиш дода будам, ки пеши суфраро бетон резам. Дирӯз аз кор биёям, ронанда ин шағалро оварда холӣ кардааст. Хайрият, ба ягон ҷои роҳ зарар нарасидааст, – пушти сар хор-хорон намедонист худро чӣ хел сафед кунад.

– Бо сад машаққат ба мумфарш кардани ин кӯчае, ки ту зиндагӣ мекунӣ, муваффақ шудем. Як соли дароз ҳаракат кардем, медонӣ? Худоро шукр, ки ҳаракатҳоямон зоеъ нарафт.Худи ҳамин рӯз бародаронатро хабар куну шағалро зуд аз кӯча ба ҳавлиат кашон, дар акси ҳол аз худат гила кун, – гуфт вай бо ҳамон лаҳни пештара.

Боз чанд кӯчаи дигарро низ ба ҳамин минвол чарх зада баромаду аз озодагии он ва нашъунамои дарахтони арчаҳои сари роҳ табъаш хуш шуд. Рафта-равон бо ину он сокини маҳалла, ки дар ин субҳгоҳон рӯ ба рӯ меомаданд, кӯтоҳ аҳволпурсӣ карда ба хона баргашт. Ҳамсараш то омадани ӯ бо шири нав дӯшидааш як ширбиринҷ пухта буд, ки вай онро бо иштиҳо нӯши ҷон кард. Сонӣ ба соати телефон разм андохт.



(Давомаш дар саҳ.2).

# ЧОРАҲОИ МАҶМУӢ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ НИЗОМИ ТАНДУРУСТӢ МУАРРИФӢ ГАРДИДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Қайд гардид, ки барои маблағгузории барнома дар соли 2026-ум 239 миллиард сӯм, аз соли 2027 бошад — 280 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад.

Дар ҷараёни муаррифӣ инчунин пешниҳодҳо оид ба боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти хадамоти хун дар солҳои 2026–2030 баррасӣ шуданд.

Бо дарназардошти афзоиши талабот ба препаратҳои хун, чораҳои мақсадноке таҳия шудаанд, ки ба густариши имкониятҳои хадамот ва пурра таъмин намудани муассисаҳои табобатӣ бо хун ва ҷузъҳои он равона гардидаанд.

Аз ҷумла, бар асоси тавсияҳои Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ба нақша гирифта шудааст, ки шумораи супоридани хун аз 10 то 30 маротиба ба ҳар ҳазор нафар зиёд карда шавад, захираҳои хун аз 150 ҳазор литр то 450 ҳазор литр тавассути афзоиши шумораи умумии донатсияҳо то 1 миллион расонида шаванд, инчунин теъдоди донорони ихтиёрӣ аз 300 то 900 ҳазор нафар зиёд гардад.

Дар асоси таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ тартиботи стандартии ҷарроҳӣ, протоколҳои бехатарӣ ва усулҳои муосири скрининг ҷорӣ карда мешаванд, ки ба таъмини бехатарии хун ва ҷузъҳои он равона шудаанд. Ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои касбии кормандони хадамоти хун, таҳкими пойгоҳи моддию техникӣ ва дастгирии рушди ҳаракати донории бемузд пешбинӣ мегардад.

Барои такмили куллии низоми кор бо хун, идоракунии равандҳо аз рӯи даври «талабот – коркард – расонидан» ҷорӣ карда мешавад.

Дар доираи платформаи рақамӣ низоми иттилоотии «Ҳисобгирии электронии препаратҳои хун» татбиқ мегардад, ки назорат аз болои гардиши хун ва ҷузъҳои онро таъмин намуда, имкони ҳамгироии фармоишҳоро бо хадамоти ёрии таъҷилии тиббӣ фароҳам меорад.

Қайд шуд, ки барои маблағгузории хадамоти хун дар соли 2026 ҷудо намудани 308 миллиард сӯм ва барои рушди соҳа дар солҳои 2026–2030 дар маҷмӯъ 1,75 триллион сӯм пешбинӣ шудааст.

Дар ҷараёни муаррифӣ инчунин дар бораи натиҷаҳои омӯзиши фаъолияти марказҳои махсусгардонидашудаи илмӣ-амалӣ ва клиникаҳои ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод гардид.

Дар моҳҳои сентябр-декабри соли 2025 гурӯҳҳои корӣ фаъолияти 37 марказ ва клиникаи тиббии сатҳи ҷумҳуриявиро ба таври ҳамаҷониба омӯхта, як қатор камбудиҳои ташкилӣ ва идоракуниро ошкор намуданд. Барои бартараф намудани онҳо нақшаи амал аз 27 банд таҳия шудааст, ки самтҳои баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиббӣ, ба низом даровардани ҳамкорӣ бо минтақаҳо, такмили низоми идоракунӣ, фаъолияти кадрӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ, интизоми молиявӣ ва истифодаи самараноки захираҳоро фаро мегирад.

Ҳамчунин масъалаи ҷалби мутахассисони хориҷӣ ба ислоҳоти низоми тандурустӣ баррасӣ шуд.

Шартҳои техникии ислоҳоти низоми тандурустии ҷамъиятӣ, банақшагирии соҳаи тандурустӣ ва низоми миллии лабораторӣ таҳия гардидаанд. Бо мақсади татбиқи ин чорабиниҳо пешниҳод шудааст, ки 25 коршиноси байналмилалӣ ва 19 мутахассиси маҳаллӣ ҷалб карда шаванд.

Ҳамчунин лоиҳаи навсозии Маркази ҷумҳуриявии онкологӣ ва филиалҳои минтақавии он мавриди муаррифӣ қарор гирифт.

Соли 2021 дар ҳамкорӣ бо Бонки исломии рушд дар доираи лоиҳаи «Навсозии муассисаҳои онкологии Ҷумҳурии Ўзбекистон (марҳилаи II)» барои маҷмааи нави марказ ва 13 филиали он 119 номгӯй таҷҳизоти тиббӣ ба маблағи умумии 61 миллион доллар харидорӣ гардида буд. Ҳоло ба нақша гирифта шудааст, ки боз 5 навъи таҷҳизот ба маблағи 5,6 миллион доллар харидорӣ карда шавад.

Аз ҳисоби ҷалби маблағҳои иловагӣ дар ҳаҷми 10 миллион доллар пешниҳод шудааст, ки барои марказ 80 номгӯи 1027 адад таҷҳизоти тиббӣ, инчунин сиклотрон ва лабораторияи радиосинтез барои истеҳсоли доруҳои радиофармасевтӣ харидорӣ гардад.

Инчунин ба Сарвари давлат оид ба корҳои дар самти рушди соҳаи фармасевтӣ ва таъмин намудани аҳолӣ бо доруҳои дастрасу босифат анҷомдодашуда маълумот пешниҳод гардид.

Қайд гардид, ки фармасевтика айни замон ба яке аз самтҳои босуръат рушдёбандаи саноат табдил ёфтааст. Имрӯз дар ин соҳа 156 лоиҳа ба маблағи умумии 2,3 миллиард доллар амалӣ мегардад. Дар соли 2025-ум 362 миллион доллар сармояи хориҷӣ ҷалб гардида, зиёда аз 2,4 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

Корхонаҳои соҳа ба маблағи 7,3 триллион сӯм маҳсулот истеҳсол намудаанд ва содироти доруҳо ва маҳсулоти фармасевтӣ ба 55 кишвари ҷаҳон 220 миллион долларро ташкил дод.

Дар натиҷаи ислоҳоти охирин, ки ба таъмини сифати доруҳо ва коҳиши расмиёти бюрократӣ равона шудаанд, бори аввал аз ҷониби соҳибкорон корҳои истеҳсоли 130 номгӯй доруҳои воридотӣ дар Ўзбекистон дар асоси интиқоли технологияҳо оғоз гардид.

Илова бар ин, дар натиҷаи бознигарии нархҳои референтӣ барои 2 ҳазор номгӯй доруҳои воридотӣ нархҳои яклухти доруҳо 40–60 фоиз поин бурда шуданд.

Дар ҷараёни тақдимот зарурати боз ҳам баланд бардоштани сифат ва дастрасии доруҳои ватанӣ, ки ҷойгузини воридот мебошанд, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои сармоягузорон, афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ ва лабораторӣ, инчунин ташаккули низоми шаффофи назорати сифат таъкид гардид.

Президент пешниҳодҳои воридшударо ҷонибдорӣ намуда, қарорҳои дахлдорро тасдиқ кард. Ба шахсони масъул супориш дода шуд, ки тадбирҳои пешбинишударо сари вақт ва бо сифати баланд иҷро намоянд ва дар самтҳои баррасишуда ба натиҷаҳои мушаххас ноил гарданд.

**ЎзА.**

# МАҚСАДИ АСОСӢ – ХИДМАТИ БЕМИННАТ БА МАРДУМ

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Касе ба суроғам-ку наомад? – пурсид аз ҳамсараш, ки либосҳои ӯро омода мекард.

– Не, дадаш. Аммо занги телефонатон як бор баланд шуд, вале надонистам вай кӣ буд, – гуфт ҳамсараш телефони ҳамроҳии ӯро ба дасташ дода.

– Хайр, дар ин рӯзҳо чанд корафтода ба ман занг мезананд, – гуфту либосҳои омодакардаи ҳамсарашро пӯшида, азми кор намуд.



Дар назди дафтари корӣ аллакай чанд нафар вайро мунтазир буданд. Кадоме дар бораи тӯйи арӯсии писараш бо вай машварат карданӣ, кадоме барои гирифтани субсидия маълумотнома мехост, кадоме аз келини қаҳркардааш шикоят дошт...

***

Юнусҷон Аминҷонов дар ноҳия аз зумраи он раисоне мебошад, ки дар байни мардум обрӯву эътибор пайдо кардаанд. Ўро ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмӯсоев ва раиси Иттиҳодияи маҳаллаҳои ноҳия Қосимҷон Ҳайдаров низ доим дар ҷамъомадҳо таърифу тавсиф мекунанд ва аз дигарон даъват менамоянд, ки нисбати мардуми худ ҷонсӯз ва мисли вай дар кору вазифа масъулиятшинос бошанд.

Албатта, чунин муваффақиятҳо ҳаргиз барояш ба осонӣ даст надодааст. Худи вай ҷавони фурӯтану дидадорост. Бо мардум ба забони нарму меҳрубонӣ суҳбат мекунад, аз шодияшон шоду мамнун мегардад ва дар мусибаташон шарику ҳамдарди онҳост.

Дарвоқеъ, боре иттифоқ афтод, ки дар маросими кушодашавии варзишгоҳи наву замонавӣ иштирок кунам, ки дар қаламрави ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қақир ба вуқӯъ пайваст. Ин варзишгоҳ дар доираи барномаи «Рушди инфрасохтори деҳот»–и Бонки ҷаҳонӣ сохтаву мавриди истифода қарор мегирад. Арзиши лоиҳа 710 миллион сӯмро ташкил мекард.



Баъди анҷоми маросим бо Аминҷонов аз ҳар боб суҳбат кардем. Вай дар оғози суҳбатамон аз он ёдовар шуд, ки ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қақир моҳи январи соли 1997 таъсис гардида, масоҳати умумии он 47,6 гектар мебошад. Дар қаламрави он 2700 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад ва онҳо дар 750 оила муттаҳид шудаанд. Аз ҷамъи аҳолӣ дастикам 700 нафарро ҷавонони синни 14-30-сола, 316 нафарро нафақахӯрон ташкил мекунанд.

Ба гуфтаи раиси аҳолӣ асосан ба боғпарварӣ, чорводорӣ ва кишту парвариши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ машғуланд ва аз ҳамин ҳисоб зиндагии худро таъмин мекунанд. 37 нафар аз теъдоди қобили меҳнат дар Русия ва мамолики дигари дуру наздик ба муҳоҷирати корӣ рафтаанд. Аз ин шумор 29 нафарро ҷавонон ва 8 нафарро занону духтарон ташкил мекунад.

– 7 оилаи бесаробон, 1 нафар шахси яккаву танҳо, 82 нафар маълули гурӯҳҳои 1,2,3-юм ҳамеша мавриди назорати кормандонамон ва вакилони ташкилотҳои марбута қарор доранд. Ба «Дафтари занҳо» 75 нафар ва ба «Дафтари ҷавонон» 8 нафар шомиланд, ки бо саъй ва эҳтимоми ҳафтгонаи маҳалламон сол аз сол теъдодашон аз 1,5 то 2 фоиз коҳиш меёбад. Шумори оилаҳое, ки ба «Реестри ягонаи ҳимояи иҷтимоӣ» дароварда шудаанд, 118-то ва оилаҳои шомили «Реестри оилаҳои камбизоат» 122-торо ташкил медиҳанд, – гуфт Юнусҷон.

***

Аз фориғуттаҳсилони се мактаби ҷамоат 31 нафар дар факултаҳои гуногуни макотиби олии Ўзбекистон ва Тоҷикистон таҳсил мекунанд, ки 16 нафарашон имсол соҳиби дипломи бакалаврӣ хоҳанд шуд. Инчунин 11 субъекти соҳибкорӣ фаъолият мекунанд, ки аз дӯконҳои савдо, нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дорухона, сартарошхона ва ҳаммом иборатанд.

– Дар ҷамоати мо ҳамзамон 1 хоҷагии фермерӣ ва 11 хоҷагии деҳқонӣ машғули фаъолият мебошанд, ки дар худ ҳудуди 45 нафар коргарони доимиву мавсимиро бо шуғл таъмин кардаанд. Гузашта аз ин, дар идораву ташкилотҳои гуногуни ноҳия аз сокинони маҳаллаи мо дар мақомҳои гуногун ифои вазифа менамоянд, ки ифтихори мо ҳастанд, – мегӯяд раис.

Пурсидам, ки корҳои ободу зебо гардонидани маҳалларо чӣ тавр арзёбӣ мекунад.

– Аз 20 километр роҳҳои дохилии маҳаллаамон 18,4 километрро мумфарш кардем. 1,6 километри боқимондааш бетонрезӣ шуд. Як километр роҳрави саломатӣ сохтем, ки одамон барои пиёдарав аз он истифода мебаранд. Ҳар як кӯча намои зеборо касб намудааст ва ин аз шарофати сиёсати хирадмандонаи Президент Шавкат Мирзиёев мебошад. Кӣ гумон мекард, ки ҳатто кӯчаву паскӯчаҳои чунин деҳоти дурдасти ҷумҳурӣ имрӯз чӣ намои тоза гирифтаасту ба таври шинохтанашаванда тағйир ёфтааст, – иброз дошт раиси ҷамоат.

Вай афзуд, ки ҳамаи панҷ трансформатор ба наваш иваз карда шуд. Тақрибан 440 симчӯби пештараро бо пояҳои симинтӣ табдил доданд. Аммо ҳоло боз 95 симчӯб бояд бо симинтии он иваз карда шавад.

– Таъмин бо оби ошомиданӣ дар ҳама рустоҳо масъалаи асосӣ ба шумор меравад. Дар шумо-чӣ?

– Рости гап, дар ин масъала баъзе камбудиҳо ҷой доранд, аммо ман фикр мекунам, ки дар давоми соли равон мо ба лӯлаҳои барои 490 хонавода муқарраршуда, ки дар маҳалла кашида шудааст, об сар медиҳем. Ҳоло танҳо 70 хонаводаи маҳаллаи Қақир аз оби водопровод истифода мебарад. Ба ҳамин далел дар ҳар як ҳавлии сокинони маҳалла ҳавзи оби ошомиданӣ кофта шуда, ва он аз оби канал, ки тавассути насос аз дарё кашида мешавад, пур карда мешавад, – изҳор намуд раиси ҷамоати шаҳрвандон.

Вай дар идомаи суҳбат бо афсӯс ёдовар шуд, оби чашмае, ки ҳазорҳо сол аз болои деҳ ҷорӣ мешуд, соли 2013, бар асари як низоъ аз тарафи ҳамсояҳои қирғиз масдуд гардид ва мардуми се ҷамоати шаҳрвандон – Ҳушёр, Себзор ва Қақир, инчунин деҳаи Қизилқиёқ аз ҳамон сол аз оби нӯшокии табиӣ маҳрум карда шуданд. Давлат дар ивази 4 миллиарду 200 миллион сӯм тавассути лӯлаҳои бузург як қисми оби каналро ба болои деҳа партофт ва мардум аз оби он ҳам барои обёрии киштзорҳову боғҳо ва ҳам барои истеъмол истифода мебаранд. Дар масъалаи таъмин бо гази табиӣ маълум шуд, ки ҳанӯз ин кор амалӣ нашудааст ва барои ҳамин 560 хонаводаи маҳалла дар ҳар 35 рӯз бо балонҳои гази моеъшуда таъмин карда мешаванд. Ба таври илова метавон зикр намуд, ки обравҳои ду самти роҳи калоне, ки аз байни маҳалла убур менамояд, бо маблағи «Опен-буҷа» куллан аз нав сохта шудааст.

***

– Тарзи корбарии шурои маҳалла ва комиссияҳои доимиро чӣ гуна тавзеҳ додан мумкин аст?

– Аъзои шӯрои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаамон аз 17 нафар иборат аст. Ҳар як узви ин шӯро аз рӯи нақшаи умумӣ кори худро пеш мебарад. Гузашта аз ин, дар ҷамоати мо комиссияҳои доимии мустаҳкам намудани қадриятҳои оилавӣ, кор бо занону духтарон, назорати пуштибонӣ аз ҳимояи иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва ободу сабзгардонӣ фаъолият мекунанд, – посух медиҳад раис Юнусҷон.

Ў таъкид варзид, ки кор бо оилаҳои ҷавон, оилаҳое, ки вазъияташон ногувор мебошад ва дар вартаи парокандагӣ қарор доранд, самараҳои неки худро ба бор меоварад. Дар ин замина метавон гуфт, ки ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қақир дар байни ҷамоатҳои шаҳрвандони ноҳияи Сӯх яке аз ҷойҳои намунавиро ишғол мекунад.

Ногуфта намонад, ки Аминҷонов яке аз ҷавонтарин раиси маҳаллаи ноҳия аст. Вай мегӯяд, ҳарчанд соҳиби маълумоти миёнаи махсус мебошад ва дар арафаи хатми донишгоҳ қарор дорад, аммо тӯли даҳ соли охир ба сифати раиси маҳалла таҷрибаи кофӣ ҳосил намудааст ва инро бошандагони маҳалла низ бо камоли майл эътироф менамоянд. Гуфта мешавад, ҳатто дар интихоботи ахир ҳама дастаҷамъона танҳо аз номзадии ӯ ҷонибдорӣ карданд ва ӯро раиси худ пазируфтаанд.

Ҳоло ҳафтгонаи маҳалла – ёвари ҳокими ноҳия Беҳрӯз Обидҷонов, фаъоли занону духтарон Саодат Умарова, пешвои ҷавонон Абдурашид Фаёзиддинов, инспектори профилактикӣ Додоэрка Эркаев, ходими ҳифзи иҷтимоӣ Фурқатҷон Мирзоаминов ва инспектори андоз Абдусамат Абдусаматов таҳти раёсати раиси маҳалла Юнусҷон Аминҷонов вазифаи бар дӯш доштаашонро бо садоқати том анҷом дода, сазовори эҳтироми мардум гаштаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Таҳлили иқтисодӣ бо рақам ва мисолҳо*

# КРИПТОВАЛЮТА ЧИСТ, ЧӢ ГУНА КОР МЕКУНАД ВА ЧӢ ФОИДАВУ ХАТАР БАРОИ ЎЗБЕКИСТОН ДОРАД?

***Дар даҳсолаи охир криптовалюта ба яке аз мавзӯъҳои муҳимтарини иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Агар чанд сол пеш танҳо мутахассисони технология дар бораи он ҳарф мезаданд, имрӯз он ба зиндагии мардуми одӣ ҳам таъсир расонида истодааст. Барои дарки воқеии ин падида, аввал бояд фаҳмид, ки криптовалюта чист ва чӣ гуна кор мекунад.***

Криптовалюта як навъи пули рақамӣ мебошад, ки дар асоси рамзгузорӣ ва технологияи блокчейн фаъолият мекунад. Ин пулро давлат ё бонки марказӣ намебарорад, балки он тавассути шабакаи компютерӣ ба вуҷуд меояд. Амалиёти криптовалюта бевосита байни одамон анҷом дода мешавад, яъне бонк ё ташкилоти миёнарав дар ин раванд иштирок намекунад. Ҳар амалиёт дар блокчейн сабт мегардад, ки мисли як дафтари умумии рақамӣ аст. Ин дафтар дар ҳазорон компютер нигоҳ дошта мешавад ва аз ҳамин сабаб онро тағйир додан ё қалбакӣ кардан қариб ғайриимкон аст.

Аввалин криптовалюта биткойн соли 2009 пайдо шуд. Сабаби асосии пайдоиши он бӯҳрони молиявии ҷаҳонии соли 2008 буд, вақте ки бисёр бонкҳо муфлис шуданд ва мардум ба низоми молиявии анъанавӣ эътимодро аз даст дод. Муаллифи биткойн, ки бо номи рамзии Сатоши Накамото маъруф аст, мехост пуле эҷод кунад, ки мустақил, шаффоф ва аз фишори давлату бонкҳо озод бошад. Дар солҳои аввал арзиши биткойн хеле паст буд. Дар соли 2010 як биткойн ҳамагӣ чанд сент арзиш дошт. Мисоли машҳур вуҷуд дорад, ки як нафар дар Иёлоти Муттаҳида бо 10 ҳазор биткойн ду дона питса харида буд. Имрӯз агар ҳамон 10 ҳазор биткойн нигоҳ дошта мешуд, арзиши он ба садҳо миллион доллар мерасид. Ин яке аз рекордҳои бузургтарини фоида дар таърихи иқтисоди муосир ба ҳисоб меравад.

Дар давраҳои баъдӣ шахсони дигар низ аз криптовалюта фоидаи азим ба даст оварданд. Масалан, баъзе сармоягузорони барвақт, ки дар солҳои 2011-2013 ба биткойн чанд ҳазор доллар сармоягузорӣ карданд, баъд аз чанд сол соҳиби даҳҳо миллион доллар шуданд. Ин мисолҳо сабаб гаштанд, ки таваҷҷуҳ ба криптовалюта хеле афзоиш ёбад. Имрӯз ҳаҷми умумии бозори криптовалюта дар ҷаҳон тақрибан аз як триллион доллар зиёд аст. Дар баъзе солҳои авҷи бозор ин рақам ҳатто ба ду ё се триллион доллар наздик шуда буд. Танҳо биткойн қисми зиёди ин бозорро ташкил медиҳад. Ин нишон медиҳад, ки криптовалюта дигар таҷрибаи хурд нест, балки як бахши ҷиддии иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, ки ба бозорҳои молиявӣ, асъор ва ҳатто сиёсати давлатҳо таъсир мерасонад.

Акнун ба Ўзбекистон назар мекунем. Дар кишвари мо бозори криптовалюта ҳанӯз дар марҳилаи рушд қарор дорад. Ба ҳисоби тахминӣ, ҳаҷми сармоягузории шаҳрвандон ва ширкатҳо ба криптовалюта метавонад даҳҳо миллион долларро ташкил диҳад, ҳарчанд рақами дақиқ расман эълон намешавад. Агар як шаҳрванди одӣ дар Ўзбекистон, масалан, аз 1 000 то 5 000 доллар сармоягузорӣ кунад ва бозор дар як сол 30 то 50 фоиз рушд намояд, фоидаи ӯ метавонад аз чандсад то якду ҳазор долларро ташкил диҳад. Барои бисёре аз оилаҳо ин маблағ кироӣ аст.

Аммо дар баробари фоида, хатар низ вуҷуд дорад. Нархи криптовалюта метавонад дар муддати кӯтоҳ ба таври ҷиддӣ коҳиш ёбад. Дар таърихи наздик ҳолатҳое буданд, ки бозор дар як сол аз 40 то 60 фоиз арзишашро аз даст дод. Дар чунин шароит, шахсе, ки бе дониш ва таҳлил сармоягузорӣ кардааст, метавонад қисми зиёди маблағашро аз даст диҳад. Барои иқтисоди Ўзбекистон ин маънои онро дорад, ки бе баланд бардоштани саводнокии молиявӣ хатарҳои иҷтимоӣ зиёд мешаванд.

Аз ҷиҳати андоз ва қонунгузорӣ



Ўзбекистон сиёсати эҳтиёткорона дорад. Фоида аз криптовалюта метавонад ҳамчун даромад ҳисобида шавад ва дар ҳолатҳои муайян андоз дошта бошад. Ин сиёсати назоратӣ аз як тараф буҷети давлатро муҳофизат мекунад, аммо аз тарафи дигар метавонад сармоягузоронро ба кишварҳои қулайтар равона созад.

Дар муқоиса Дубай (Аморати Муттаҳидаи Араб) ва бархе минтақаҳои дигар сиёсати кушод доранд. Дар Дубай андоз аз даромади шахсӣ қариб вуҷуд надорад ва бисёр ширкатҳои криптовалютӣ бе фишори андоз фаъолият мекунанд. Аз ҳамин сабаб, ҳаҷми сармояи воридшуда ба соҳаи криптовалюта дар он ҷо ба миллиардҳо доллар мерасад. Ин сармоя ба иқтисоди маҳаллӣ таъсири мусбат мерасонад, ҷойҳои корӣ эҷод мекунад ва шаҳрро ба маркази ҷаҳонии технология табдил медиҳад.

Барои Ўзбекистон низ чунин имконият вуҷуд дорад, аммо он танҳо дар сурате амалӣ мешавад, ки қонунгузорӣ равшан, муҳит шаффоф ва сатҳи дониш баланд бошад. Саводнокии молиявӣ дар соҳаи криптовалюта маънои онро дорад, ки мардум фаҳманд бозор чӣ гуна кор мекунад, хатар дар куҷост, чӣ қадар сармоя гузоштан мумкин аст ва чӣ қадар не. Ин донишро метавон тавассути омӯзиш, матбуот, барномаҳои таълимӣ ва машваратҳои касбӣ ба даст овард.

Дар натиҷа, криптовалюта барои ҷаҳон ва барои Ўзбекистон ҳам имконияти бузург ва ҳам санҷиши ҷиддӣ мебошад. Он метавонад ба баъзеҳо фоидаи калон оварад, ба дигарон бошад, зарар. Фарқ танҳо дар дониш, таҳлил ва эҳтиёт аст. Барои ҷомеа ва иқтисоди миллӣ муҳим аст, ки ба ин раванд бо чашми боз, ҳисобу китоб ва сиёсати дуруст назар кунад, то криптовалюта ба манбаи рушди иқтисодӣ табдил ёбад, на ба сабаби мушкилоти нав.

**Салоҳиддин ҶАҲОНГИРЗОДА.**

*Иҷрои Фармон – дар амал*

***Барои ташкили иҷрои самараноки Фармони Президент «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба беҳтар кардани низоми таъмини шуғли шахсони маъюб» аз 8 майи соли 2025 дар ноҳияи Чуст Маркази хидматрасонии иҷтимоии «Инсон» корҳои амалии мунтазам ва мақсаднокро анҷом медиҳад.***

# МАЪЮБОН БО КОР ТАЪМИН ШУДАНД

Дар доираи ин Фармон ба таъмини шуғли занони маъюб, фароҳам овардани шароити муносиби корӣ ва дастгирии онҳо диққати махсус дода мешавад.

Аз ҷумла, беш аз 15 нафар занони маъюб бо фаъолияти корхонаи «Elisof» шинос шуда, ба онҳо аз тарафи мутахассисони корхона дар бораи шароити кории фароҳамовардашуда, раванди истеҳсолот, талаботи бехатарии техникӣ ва масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, имтиёзҳои давлатӣ ва механизмҳои дастгирии шуғли шахсони маъюб муфассал маълумот дода шуд.

Дар рафти вохӯрӣ иштирокчиён имкон пайдо карданд, ки бо ҷойҳои кории мавҷуда, низоми музди меҳнат ва режими вақти корӣ шинос шаванд. Барои 11 нафар зани маъюб, ки хоҳиши кор карданро доштанд, мувофиқи тартиб ва талаботи қонунгузории амалкунанда ҳуҷҷатҳои дахлдор дода шуданд.

Ин чораҳо барои таъмини шуғли шахсони маъюб ва мақоми онҳо дар ҷомеа ва инчунин баланд бардоштани самаранокии низоми ҳифзи иҷтимоӣ хидмат мекунад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

# ШОД КАРДАНИ ЯК ДИЛ БЕҲТАР АСТ АЗ ОБОД КАРДАНИ САД МАСҶИД

Зодаи деҳаи Сӯфиёни ҷамоати шаҳрвандони «Боғиафзал»-и ноҳияи Шофиркон Саъдулло Раҳимовро хуб мешиносам. Ӯ пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 16 ба номи Ойбек, соли 1980 ба хидмати ҳарбӣ рафт. Баъд солҳои тӯлонӣ дар соҳаи сохтмон кор карда, ба нафақа баромад. Ҳамроҳи ҳамсараш Ҷамила Ӯринова панҷ духтару як писарро ба воя расонда хононд, онҳоро соҳиби оила, дару хона намуд. Ҳоло соҳиби 4 набера буда, баҳри тарбияи муносиб гирифтани эшон саҳм мегузоранд.

Некию накукорӣ, хидмати софдилона баҳри ободии ёру диёр, хоксорию қаноатпешагӣ барои аҳли хонадон мафҳумҳои одӣ нестанд. Эҳсоси некбинию шукронагӣ ба эшон аз бобою бибиҳояшон мерос мондааст. Саъдулло ва ҳамсараш ният доштанд, ки чун баъзе ҳамдиёрон ба зиёрати Каъба раванд. Аз ин рӯ, ду сол боз барои сафари умра омодагӣ мединданд. Азбаски ҳавлии онҳо дар канори канали бетонфарш воқеъ буду пули он роҳҳои мумфарши ду тарафи рӯдро бо ҳам мепайваст, чанд муддат аст, ки ҳолати хароб дошт ва боиси ташвиши роҳгузарони саворау пиёда гардида буд. Ҳар боре, ки Саъдулло ин вазъиятро медид, дилаш таҳ кашида, ба дарёи андеша фурӯ мерафт. Рӯзе вай ҳангоми якҷоя будани аҳли хонадон дар атрофи дасторхон аз хусуси аҳамияти амалҳои нек, фазилатҳои ҳамидаи инсонӣ сухан кушод, арзиши баланд доштани саховат, эҳсон, ҳимматбаландиро бо мисолҳои раднопазири ҳаётӣ ва таърихӣ таъкид кард. Онҳоеро, ки барои манфиати дигарон ранҷу заҳмат кашида, мушкилкушо шудаанд, мардум ҳаргиз фаромӯш намекунанд. Дуои мардум аз ҳар гуна мукофот, ному мартаба болотар аст. Инсон фақат бо амалҳои нек, корҳои савоб метавонад ба ин сазовор шавад, гуфт вай ва лаҳзае таваққуф намуд. Ҳозирон пайхас карда буданд, ки сарвари хонадон муддаое дорад, аз ин рӯ онҳо давоми суханро интизор шуданд. Ниҳоят ба мақсад гузашт:



– Кӯмак ба ҳалли мушкилоти аҳли деҳа – саҳмгузорӣ ба таъмири пули деҳа барои мо аз савоби умра афзалтар ва муҳимтар аст...

Ҳама хомӯшона бо ишораи сар ин гуфтаҳоро тасдиқ карданд.

Ҳамин тариқ, Саъдулло Раҳимов қариб 70 миллион сӯм маблағи ба нияти зиёрат ҷамъовардаи худ ва ҳамсарашро ба таъмири пули маҳаллаашон бахшид. Дар натиҷа на фақат пули деҳаи Сӯфиён, балки пули роҳи калони автомобилгарди маҳаллаашон Боғиафзал низ бо ивазкунии плитаҳои бетонӣ фарохтар ва зеботар гардида, гирду атрофи онҳо асфалтпӯш карда шуданд.

Бояд гуфт, ки ин кӯпрукҳо барои маҳаллаҳои Боғиафзал, Пашмон, Ҷилвон, Қӯрғони Вардонзе ва Шароф Рашидов баробар хидмат карда, онҳоро бо маркази ноҳия ва ҳудуди дигар мепайванданд.

Шайх Саъдӣ мефармояд:

*Сад масҷиду сад работ*
*обод кунӣ,*
*Сад банда ба зар*
*харида озод кунӣ.*
*Сад сол ба рӯза бошию*
*шаб ба намоз,*
*З-он беҳ набувад,*
*ки як диле шод кунӣ.*

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ҶАНГОВАР ВА ФИДОИИ ВАТАН

Одамоне ҳастанд, ки бо ном, кору пайкор ва зиндагиномаи пуршарафи худ дар хотири мардум зинда мемонанд. Юсуф Чориев аз ҷумлаи чунин фарзандони Ватан аст, ки на фақат чун иштироккдори Ҷанги дуюми ҷаҳон, балки боз ҳамчун фидоии асили ҷомеа ва тарғибгари арзишҳои ватанпарварӣ сазовори эҳтироми беандоза гашта буд.

Юсуф Чориев соли 1924 дар деҳаи қадима ва зебои Бешкӯтони ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё таваллуд шуда, дар шароити душвори иҷтимоиву иқтисодӣ дар хонаводаи марди меҳнатдӯст ба воя расид. Ҳанӯз аз овони кӯдакӣ дар ӯ ҳисси баланди меҳру муҳаббат ба замин, оила ва Ватан ташаккул ёфт. 19 майи соли 1944 ба фронт даъват шуд ва дар ҳайати баталиони 703-юми алоқа дар набардҳо бар зидди фашистон иштирок кард.

Маҳз дар ин давра, ки марҳилаи охирин ва ҳалкунандаи ҷанг буд, аскарони Шӯравӣ бо фишори зиёд бар фашистон пеш мерафтанд, хатари талафоти ҳарбӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳӣ низ хеле зиёд буд. Юсуф Чориев дар вазифаи сержанти калони бахши алоқаи ҳарбӣ хидмат кард. Ин аз масъулиятноктарин ва хатарноктарин вазифаҳо ба шумор мерафт. Алоқаи ҳарбӣ бояд дар ҳама шароит, ҳаракатҳои шадиди дивизияҳо, ҳамлаҳои ҳавоӣ ва заминӣ пайваста нигоҳ дошта мешуд. Ӯ ҷони худро зери хатар гузошта, дар гармову сармо, борону барф, зери тирпарониву таркиш симҳои алоқаро таъмир мекард ва аз нав мепайваст.

Бино ба маълумоти расмӣ ва ҳуҷҷатҳои дафтари ҳарбӣ, ки то имрӯз дар хонаводаи ӯ нигоҳ дошта мешаванд, Юсуф Чориев дар зиёда аз 15 амалиёти муҳими ҳарбӣ, аз ҷумла озодкунии Лаҳистон (Полша), Чехословакия ва нимҷазираи Балкан саҳмгузор будааст. Ӯ ҳамин тариқ то рӯзи Ғалабаи бузург – 9 майи соли 1945 дар хати пеши фронт хизмат кард. Алоқачиён дар он солҳо қаҳрамонони ноаён буданд. Онҳо ҷанг намекарданд, аммо бе онҳо пирӯзӣ дар набардҳо ғайриимкон буд, зеро қатъ шудани алоқа, дер расидани хабару маълумот метавонад боиси шикаст, ҳалокати гурӯҳҳо гардад.

Баъди ғалаба ва бозгашт ба Ватан Юсуф Чориев ягон рӯз ором нанишаст, чун дар корзор дар ҳаёти осоишта низ фидокор буд. Мехост, ки ҷомеа тараққӣ кунад, мардум дар осоишу ободӣ зиндагӣ кунанд.

Ӯ дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат варзида, дар тарбияи насли нав, баргузории чорабиниҳои маърифатӣ ва ҷамъиятӣ ҳамеша пешсаф буд. Соли 1994 сазовори медали «Шуҳрат» гардид.

Юсуф Чориев соли 1998 аз олам гузашт. Қаҳрамонон намемиранд – онҳо дар хотираи халқу миллат, дар саҳифаҳои китоби таърих боқӣ мемонанд.

Ёдаш ба хайр!

**Салоҳиддин ҶАҲОНГИРЗОДА.**

*Акси садо*

# «БЕҲТАРИН ҲАДЯИ ПАДАР БА ФАРЗАНД...»



Ибораҳои «оила – риштаи муқаддас», «оила неъмати бебаҳои ҳаёт», «Ватан аз остона сар мешавад»-ро хуб медонем. Оила дар асоси ризоияти ду шахс барпо гардида, онҳо баҳри ҳаёти хушбахт қадамҳои муборaки худро мегузоранд. Дар оиладорӣ масъулияти мард зиёдтар мебошад. Дар асл фаҳмиши таъмини оила танҳо вазифаи мард аст гуфтан нодуруст. Таъмини маънавии фарзандон бар зиммаи ҳам падар ва ҳам модар бояд бошад. Муҳаммад (с.а.в.) таъкид менамоянд: «Беҳтарин ҳадяи падар ба фарзанд ахлоқи ҳамида мебошад».

Эътибор ба зан ва тарбияи фарзанд ба мустаҳкамии оила мусоидат мекунад. Падар барои фарзанд ҳамон вақт падари хуб мегардад, ки модари ӯро дӯст дорад, қадр ва ҳифз намояд. Тарбияи кӯдак, ҷаҳонбинӣ ва ҳаттоояндаи вай дар муҳити оила, муносибати падару модар ташаккул меёбад.

Дар шумораи 60-уми «Овози тоҷик» (26 июни соли 2025) мақолаи мухбири рӯзнома Фаридун Йӯлдошев таҳти унвони «Алимент: сар кашидан аз пардохт гуноҳи кабир аст» чоп шуд. Ин мақола азбаски дар асоси факту рақамҳои аниқ рӯйи коғаз омадааст, маро ба андеша водор намуд.

Мутаассифона, имрӯзҳо чунин риштаи муқаддас гоҳо бо сабабҳои ночиз, бо ихтилофи тарафҳо канда шуда истодааст. Ҷудошавӣ ва парокандагии оилаҳо бисёр ба назар мерасад. Бино ба маълумоти Кумитаи миллии статистика дар миқёси мамлакатмон шумораи никоҳҳои бақайдгирифташуда дар моҳҳои январ-июни соли 2025 ба 95,3 ҳазор воҳид расид ва ба ҳар ҳазор нафар аҳолӣ коэффитсенти никоҳ 5,1 промилленро ташкил дод. Шумораи никоҳҳо дар моҳҳои январ-июни соли 2025 нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 2,1 ҳазор адад коҳиш ёфтааст. Шумораи ҷудошавӣ дар соли 2025 23,3 ҳазор адад буда, сатҳи он ба ҳар ҳазор аҳолӣ 1,2 промилленро ташкил медиҳад. Шумораи ҷудошавиҳо дар моҳҳои январ-июни соли 2025 нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 0,8 ҳазор адад зиёд шудааст. Дар натиҷа кӯдакони бегуноҳ азият мекашанд. Ҳол он ки чӣ қадар оилаҳо, падару модарон ба нохуни фарзанд зор ҳастанд. Ҳамаи инро дида ҳар як шахси солимфикр ба андеша ғарқ мегардад.

Оилаҳое, ҳастанд, ки солҳои зиёд фарзанд надидаанд, аммо оиларо муқаддас шуморида, ҷудоиро пеш нагирифтаанд. Боиси хушнудӣ ва ифтихор аст, ки оилаҳои бефарзанд ятимону бепарасторонро ба фарзандӣ қабул намуда, амалҳои савобро иҷро мекунанд ва сафи чунин саховатпешагон торафт зиёд мегардад.

Ба мактабҳои ихтисосонидашудаи имкониятaшон маҳдуд рафта мебинем, ки онҳо ба ҳаёт, ба оянда чӣ қадар меҳр доранд, шукрона мегӯянд, чашмони умедбахши фарзандонро дида, падару модарон низ ашки шодӣ мерезанд. Зеро ҳар фарзанде, ки дар оила осуда ба воя мерасад, албатта, боиси рӯсурхии падару модари худ мегардад.

Агар ба таърихи ғании халқамон назар андозем, гувоҳи он мегардем, ки хислатҳои неки инсонӣ: ватанпарварӣ, ҳалолӣ, ростгӯӣ, меҳнатдӯстӣ аввало дар муҳити оила ташаккул меёфтааст.

Падару модарони ҷавон набояд фаромӯш кунанд, ки хулқу атвор ва табиати кӯдак даставвал дар муҳити оила ташаккул меёбад. Варзишгарони номӣ Нодирбек Абдусатторов, Ҷавоҳир Синдоров, Афрӯза Ҳамдамова, Баҳодур Ҷалолов, Диёра Келдиёрова, Ҳасанбой Дӯстматов, Аббос Файзуллоев, Абдуқодир Ҳусанов ва амсоли онҳо фарзандони солиму солеҳанд, ки дар муҳити оилаи солим, дар назорати волидон тарбия ёфта, ба камол расиданд.

Агар падару модар ба тарбияи саривақтии фарзанд бепарвоӣ ва беэътиборӣ зоҳир намоянд, кӣ будани рафиқони ӯро надонанд, ба роҳи нодуруст қадам мегузорад, ки дар ин маврид мақоли халқӣ «ҳамроҳи бад мебарад ба роҳи бад» ба хотир меояд. Барои тарбияи дурусти фарзанд аз ҳамаи имкониятҳо истифода бояд кард. Моҷарову беҳурматии байни падару модар ба тарбияи фарзанд таъсири бад мерасонад ва дар оила бо нафрат ва ғазаб ба воя мерасад. Рӯзе ин нафрат сабабгори ҳолатҳои нохуш мегардад. Қалъаи оиларо мустаҳкам ва аз боду борон ҳифз намудан дар дасти худамон.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ИНФРАСОХТОР БЕҲТАР МЕГАРДАД

***Дар 60 маҳаллаи вилояти Сурхондарё дар доираи лоиҳаи байналмилалии муштарак инфрасохтор беҳтар мегардад.***

Бо ҳамкории Вазорати иқтисод ва молияи ҷумҳурӣ, Бонки исломии рушд ва Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид марҳилаи дуюми лоиҳаи «Рушди ҳамаҷонибаи минтақаҳои деҳот» амалӣ карда мешавад.

Дар доираи ин лоиҳа дар 60 маҳаллаи ноҳияҳои Ангор, Бойсун, Тирмиз, Музработ ва Шерobод барои беҳтар намудани инфрасохтор ҳамагӣ 237 зерлоиҳа татбиқ мегардад.

Айни ҳол корҳои сохтмони роҳравҳои саломатӣ ва иҷтимоӣ, кашидани шабакаҳои оби ошомиданӣ, таъмири роҳҳо, бунёди майдончаҳои бозии кӯдакон ва дигар лоиҳаҳои муҳим оғоз шудаанд.

Ҳамаи лоиҳаҳои ба барнома воридгардида дар асоси пешниҳод ва тавсияҳои сокинони маҳаллаҳо таҳия шуда, ба анҷом расонидани пурраи онҳо то соли 2028 ба нақша гирифта шудааст.

Аз ҷумла, мутобиқи нақшаҳои рушди 60 маҳаллаи интихобшуда 56 роҳ асфалтпӯш карда мешаванд, 45 шабакаи барқ, 34 шабакаи оби нӯшокӣ кашида мешавад, 32 мактаб, 18 кӯдакистон ва 4 муассисаи тиббӣ бунёд мегарданд, 14 роҳрави саломатӣ бо насби чароғҳои шабона сохта мешаванд, 13 пул қомат меафрозад, инчунин 18 низоми обёрӣ такмил дода мешавад.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

***Пас аз он, ки Самарқанд ба маркази саёҳии Осиёи Марказӣ табдил ёфт, ташрифи меҳмонони хориҷӣ ва дохилӣ хеле афзуд. Танҳо соли гузашта барои зиёрати шаҳри бостонӣ беш аз 3 миллион сайёҳони хориҷӣ ва қариб 5 миллион дохилӣ омадаанд.***

# САЙРУ САЁҲАТ БО ЧАРХБОЛ

Садорати сайёҳии вилоят барои боз ҳам рушд додани соҳаи мазкур бо ҷамъияти саҳҳомии масъулияташ маҳдуди «Uzbekistan Helicopters» шартномаи ҳамкорӣ бастанд, ки минбаъд сайру саёҳати Самарқанд тавассути чархбол амалӣ мегардад.

Қарор карда шуд, ки барои таҷриба парвозҳо тавассути чархбол дар осмони ноҳияҳои Ургут, Ҷомбой, Нуробод, Пайариқ хатсайри сайёҳӣ ба роҳ монда шавад, ки ин хатсайрҳои нав ба сайёҳон имкон медиҳанд, ки манзараҳои беназир ва ҷойҳои машҳури минтақаро аз боло бубинанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти**
**Самарқанд.**

*Минбари донишҷӯй*

# ДЕҲААМ — МУҲАББАТГОҲАМ

Дар иҳотаи кӯҳҳои сарбаланди Нурато, дар оғӯши табиати орому зебо деҳае ҳаст бо номи Синтаб, ки ҳар кас ба он боре қадам гузорад, дигар фаромӯшаш намекунад.

Ин деҳа зодаи меҳру муҳаббат, осори бебаҳои зиндагии садсолаҳо ва рамзи ҳусни нотакрори кӯҳистон аст. Муҳаббате, ки ман бар деҳаам – Синтаб дорам, танҳо муҳаббати зодгоҳ нест, балки эҳсосест, ки дар дилам бо садои он, бо бӯю тароватти гулҳои боғу роғаш, осмони пур аз ситорагонаш ҷӯш мезанад.

Моҳи марти соли 2023 барои мо соли таърихӣ буд. Ба Синтаби азиз расман мақоми деҳаи сайёҳӣ дода шуд. Ин рӯйдод барои шинохти деҳа ва пешрафти он иқдоми азим буд. Вале роҳи Синтаб ба ҷаҳониён хеле пештар боз шуда буд. Соли 2006, вақте аввалин сайёҳон аз Нидерландия ба деҳаи мо омада буданд, ҳеҷ кас гумон надошт, ки пас аз чанд сол Синтаб ба яке аз нуқтаҳои ҷолиби сайёҳии минтақа табдил меёбад.

Баъд аз он, ки деҳа расман номи сайёҳиро гирифт, меҳмонон аз Австрия, Фаронса, Олмон ва даҳҳо кишварҳои хориҷӣ ба Синтаб ташриф оварданду меоваранд. Ҳар моҳ наздикии 100-150 сайёҳ ба деҳа меоянд. Алҳол дар ин ҷо 20 хонаи меҳмонқабулкунии оилавӣ ва яке аз беҳтарин хостелҳои минтақа фаъолият доранд. Меҳмонон бештар аз обу ҳавои тоза, садои ҷӯйборҳои шаффоф, овози мурғони хушхон, осмони шаби пур аз ситора ва оромии беҳиёси деҳа завқ мебаранд. Аз ҳар нафаре, ки ба Синтаб меояд, борҳо шунидаам: «Ин ҷо на танҳо табиат, балки рӯҳу равони мардум низ зебост».

Деҳа на танҳо бо табиаташ, балки бо таъриху фарҳанги ғанияш низ машҳур аст. Дар он анъанаҳои миллӣ, фарҳанги мардумӣ ва арзишҳои бостонӣ ҳифз шудаанд. Хонаҳои сангини бағали кӯҳ, хӯрокҳои миллӣ, либосҳои мардумӣ ва тарзи зиндагии осуда ҳама ҷузви ин хазинаанд. Синтаб дар масофаи 30 километр аз Айдаркӯл ҷойгир аст, ки вай аз гӯшаҳои хушобу ҳавои он ба ҳисоб меравад. Деҳа аз ҳайвонот, паррандагон ва ҳашароти гуногун ғанӣ аст. Дар қуллаҳои кӯҳ қалъаҳои қадимӣ, дар шаххо навиштаҷоти асрҳои куҳан меҳмононро ба ҳайрат меоранд. Деҳа ҳамчунин ҷойҳои зиёди таърихиву фарҳангӣ дорад.

Обанбори Синтаб, карвонсаройҳои қадимӣ, зиёратгоҳҳои Хоҷа Порсо ва Хоҷа Маҳмад Саврато, Чашмаи Акко ва ғайра ҳама диданӣ ва ҷолибанд.

Хулоса, ман ифтихор мекунам, ки алҳол деҳаам дар ҷаҳон машҳур аст ва бовар дорам, ки зеботарин чизе, ки меҳмонон дар он пайдо мекунанд, нафақат манзараҳои зебову дилкушои он, балки дили софу меҳрубонии самимии мардумаш мебошад. Синтаб ифтихори мо, муҳаббатгоҳи ман аст.

**Зулола НЕКМУРОДОВА,**
**донишҷӯйи соли**
**чоруми шуъбаи**
**филологияи тоҷики**
**Донишгоҳи**
**давлатии Бухоро.**

*Армуғони «Адиб»*

# МАВЗӮЪҲОИ ДАРХУРИ ЗАМОН ДАР КИТОБИ НАВИ ЧОРШАНБЕ

***Яке аз насрнависони сермаҳсул дар ҳавзаи ӯзбекистонии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Чоршанбеи Деҳнавист. Вай муаллифи 12 маҷмӯаи ҳикояву қиссаҳост, ки дар Тошканду Тирмизу Душанбе ҷомаи табъ ба бар кардаанд.***

Инак, ба наздикӣ боз як китоби ӯ бо унвони «Яке аз ҳазорон» аз тариқи нашриёти «Адиб» (Душанбе) чоп ва ба дӯстдорони насри тоҷик пешкаш гардид. Китоби нисбатан калонҳаҷмтари устод Чоршанбе бо ҳазор нусха дар доираи «Барномаи давлатии рушди соҳаи табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» рӯйи нашр дидааст.

Ёдрас карданием, «Баҳор дар пеш», «Чашмасор», «Шабе, ки осмон фурӯ рафт» барин маҷмӯаҳои пештараи мавсуф низ аз тариқи нашриёти зикршуда ба чоп расида буданд. «Ангезаи ҷарасҳо» ва «Вазифаи хонагӣ» – дафтарҳои насрии солҳои охир нашршудаи муаллиф, ҳамзамон, армуғони ноширони Душанбест. «Талоши зиндагӣ» ном маҷмӯаи ӯ маҳсули «Ҷайҳун» ном идораи табъи Тирмиз аст (1996).

Зода ва парвардаи маҳаллаи Гулободи ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё Чоршанбеи Деҳнавӣ ҳанӯз аз давраи мактабхонӣ ба ҳикоянависӣ шурӯъ ва ҳамкорӣ бо рӯзномаҳои давриро аз нимаи дувуми солҳои шастум оғоз карда буд. Соли 1968 ба шуъбаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҳуҷҷат супурд ва баробари таҳсил дар муассисаи таълими олӣ дар рӯзнома ва маҷаллаҳои гуногун, аз қабили «Тоҷикистони советӣ» ва «Занони Тоҷикистон» ба ҳайси ходими адабӣ фаъолият намуд. Шароити оилавӣ водошт баъди хатми донишгоҳ ба Сурхондарё баргардад. Аз соли 1974 дар мактаби рақами 64-уми зодгоҳаш ба шогирдон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дарс дод.

Аснои донишҷӯӣ дар муҳити адабии Душанбе истеъдоди худро сайқал дод. Навиштаҳояшро аз назари устодони насри тоҷик гузаронд. Ҳамнишинӣ хусусан бо Ҷалол Икромӣ самараи худ бахшид. Имконият фароҳам овард дар пайроҳаи наср ҷиддитар қадам занад ва тавфиқ ёбад.

Чоршанбе баробари калонсолон барои мактабиён ҳикояҳои хуб менависад. Яке аз қиссаҳояш барои наврасон «Вазифаи хонагӣ»-ро маҷаллаи «Машъал» пурра чоп кардааст.

Устод Чоршанбе адиби зуллисонайн аст. Ҳикояҳои ӯзбекиаш дар «Акси садо», «Лайлатулқадр» ва «Соясини эркалатган аёл» барин маҷмӯаҳои дастҷамъиву алоҳида, ки дар Тошканд чоп шудаанд, фароҳам омадаанд. Вай баробари эҷод бо ду забон чун тарғибгари адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон аз осори классикони мо ба ӯзбекӣ намунаҳо тарҷума кардааст.

Китоби «Яке аз ҳазорон», ки ҳоло дар дасти мост, бо қиссаҳои кӯтоҳ, вале басо ҷолиби диққати «Ҷарҳо поянда нестанд» ва «Шабе, ки осмон фурӯ рафт» оғоз меёбад. Масъалаҳои дардноки иҷтимоӣ дар онҳо мавриди тадқиқи бадеӣ қарор гирифтаанд. Муаммоҳое, ки нависанда мегузорад, ҳаётианд. Драматизм ва бархӯрди фикру андешаи қаҳрамонҳо завқ ва эҳсосоти хонандаро ба таҳрик меоранд. Тавре ба назар мерасад, нависанда симо ва фаъолияти мактабҳоеро, ки ба ҳаёташон аз наздик шинос буд, ба риштаи тасвир кашида, роҳбарони камсаводу мансабпараст, баъзе муаллимони хушомадгӯву дурӯяро беамон фош кардааст.

Баробари ҳикояҳое, ки таваҷҷуҳи хонандаро ба худ мекашанд, дар китоб новеллаҳо ҷой доранд.

Дар қисмати «Ҳикояҳо барои бачаҳо» хоссатан «Ҳуштак», «Доруи доношавӣ», «Бачаи эҳтиёткор» ва «Тамошо» барин ҳикояҳо ҳарчанд ҳаҷман бузург нестанд, воқеаҳои муҳими зиндагиро дар худ акс намуда, барои бачаҳо шавқоваранд. Ҳикояи «Хиҷолат» бо сурхшавӣ ва хиҷолаткашии бачаҳое ба охир мерасад, ки ба саволҳои муаллим фикр накарда ҷавоб додаанд...

Қисмати «Ангезаи ҷарасҳо» фишурдаи андешаҳост. «Гуфтугӯ бо худ» низ номидааст муаллим ин боби китоби худро. Вай менависад: «Бӯзинае одам шуд. Пасу пеш пӯшонд ва тавқ басту кулоҳ пӯшид. Сипас, ба минбар баромаду гуфт: «Бӯзинагон ҳеҷ гоҳ одам нахоҳанд шуд!»




Чӣ маънии бузург ва чӣ фалсафае дар ин ишороти кӯтоҳи нависанда ниҳон, ба хонандаи одӣ низ аён.

Тавре дар «шиноснома»-и китоб қайд шуда, дар навиштаҳои Чоршанбе диди тоза ва мавзӯъҳои дархури замон эҳсос мешаванд, муаллиф кӯшидааст, ки бо истеъдоди сужетофарии худ андешаву мулоҳизаҳояшро аз забони қаҳрамонҳо ҷолибу хонданбоб иброз намояд.

**М. ШОДИЕВ.**

*Ба пешвози 585-умин солгарди Алишери Навоӣ*

# АЛИШЕРИ НАВОӢ: ШОИР ВА МУТАФАККИРИ БУЗУРГ

***Алҳол, ҳангоме ки кишвари мо дар пояи раванди «Аз эҳёи миллӣ ба пешрафти миллӣ» ба даврони нави рушди худ ворид гардида, пойдевори давраи нави Эҳё – Ренессанси савумро ташаккул медиҳад, мероси бебаҳои адабии Алишери Навоӣ мазмуну муҳтавои беш аз пеш касб менамояд.***

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

Дар таърихи адабиёти ҷаҳонӣ номҳое ҳастанд, ки ба сифати наҷм медурахшанд ва роҳи бисёр наслҳои баъдинаро рӯшан мекунанд. Шоир, мутафаккир ва арбоби давлатӣ Алишери Навоӣ, ки эҷодиёташ уруҷи адабиёти чиғатоӣ гардида, ба тамаддун ва фарҳанги тамоми Шарқ таъсири беназире гузоштааст, аз ҷумлаи чунин ситорагон ба шумор меравад.

Мероси ӯ, ки аз хирад, ғояҳои инсонпарварӣ ва муҳаббати амиқ нисбати забони модарӣ саршор мебошад, моро то имрӯз рӯҳбаланд ва мафтун менамояд.

Алишери Навоӣ 9 феврали соли 1441 дар Ҳирот аз оилаи асилзода ба дунё омад. Аз хурдӣ ба омӯзиш, аз худ намудани илм, забон ва санъатҳои зиёд майл намуд. Ӯ дониши ҳамаҷониба дошт; донандаи Қуръон, ҳадис, адабиёти араб ва форсӣ, таърих, фалсафа, нуҷум, тиб ва ҳуқуқ буд. Ин вусъати саводи шоир баъзан дар эҷодиёти бисёрҷанбаи ӯ равшан инъикос ёфтааст.

Навоӣ танҳо бо фаъолияти адабӣ маҳдуд нашудааст. Ӯ соҳиби мансабҳои баланди давлатӣ буд, дар даргоҳи ҳокимони Темурӣ хидмат мекард, дар ин вазифаҳои бузург низ худро ба сифати сиёсатмадори ҳушманду дурбин зоҳир намуд.

Алишери Навоӣ дар таърихи фарҳанги нафақат ӯзбек, балки тамаддуни ҷаҳонӣ нақши носутурданӣ гузошт. Асарҳои ӯ ба бисёр забонҳои ҷаҳон тарҷума ва нашр шудаанд. Номи шоир рамзи шеърияти баланду пурмазмун гардидааст.

Қуллаи эҷодиёти шоир ва асари барҷастатарини адабии ӯ, бешубҳа, «Хамса» ба шумор меравад, ки аз панҷ достон: «Ҳайрат-ул-аброр», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Фарҳод ва Ширин», «Сабъаи сайёр» ва «Садди Искандарӣ» иборат буда, онҳо дар пайравии шоирони бузурги форсу тоҷик Низомии Ганҷавӣ ва Хусрави Деҳлавӣ навишта шудаанд. Шоир панҷгонаи худро дар тӯли ҳамагӣ беш аз ду сол (солҳои 1483-85) эҷод кардааст.

Яке аз беҳтарин асарҳои лирикии Алишери Навоӣ ин ғазалиёти ӯст, ки дар чаҳор девони туркӣ ва як «Девони форсӣ» гирд омада, тақрибан 2500 ғазалро фаро гирифтаанд.

Дар Ӯзбекистон Алишери Навоӣ ба сифати шоир ва мутафаккири миллӣ қадрдонӣ карда мешавад. Шаҳр, хиёбонҳо, театр ва муассисаҳои илмӣ ба номи ӯ гузошта шудаанд. Бояд гуфт, ки таъсири шоир аз ҳудуди адабиёт убур мекунад. Аз ғояҳои ӯ доир ба адолат, инсонпарварӣ ва хидмат ба халқ сиёсатмадорон, олимон ва арбобони фарҳанг низ баҳра мебаранд. Эҷодиёти шоир сарчашмаи бебаҳои дониш оид ба маданият, фарҳанг, таърих ва ҷаҳонбинии халқҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Ҳоли ҳозир, дар айёми мо, ки ҷаҳон бо таҳдидҳои нав рӯ ба рӯ мегардад, ғояҳои инсопарваронаи Алишери Навоӣ аҳамияти беш аз пеш рӯзмарра пайдо мекунанд. Даъватҳои шоир оид ба такмил додани ахлоқ, ҷустуҷӯи ҳақиқат ва хидмат ба ҷамъият барои ҳар нафаре, ки баҳри дарки ҳаёти шоиста саъю кӯшиш дорад, маҳаки ҳамешагӣ мебошанд.

**Ораш АКАБОЕВ,**
**донишҷӯйи соли чоруми Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон.**

*Шодбош*

# ОЛИМИ ЗАҲМАТПИСАНДУ ФУРӮТАН

***Сокини деҳаи Отқамари ноҳияи Деҳқонобод, инсони накӯному накӯкор, шодравон Абдилҳакимбобо Ҷабборовро, ки қариб сад сол умр дида буд, дар қаламрави ноҳияву вилоят ҳама хуб мешиносанд. Дар бораи ин пирамарди рӯзгордида метавон зиёд ҳарф зад. Зеро корҳои шоистаи ин инсони шариф ва накӯиҳое, ки эшон барои мардум кардааст, сазовори эътирофанд.***



Абдилҳакимбобо иштирокдори Ҷанги дуюми ҷаҳон буд. Дар айни камолоти ҷавонӣ ба майдони ҷанг рафт. Барои озодии Ватан, оромӣ, осудаҳолӣ ва фаровонии рӯзгори мардум бар муқобили душман ҷангид. Дар майдони набард борҳо бо марг рӯ ба рӯ омад. Бо вуҷуди ин, меҳру муҳаббат ба халқу диёр ва нафрати бепоён нисбат ба душман ӯро тавон бахшид, то мардонавор биҷангад. Пас аз ғалаба дар ҷанг, ба зодгоҳаш баргашта, тӯли солҳо дар хоҷагӣ ҳамчун коргар меҳнат кард, чӯпонӣ намуд.

Бо ин пирамарди ҳалолу покиза, ки ҳамеша аз чеҳрааш нур меборид, борҳо ҳамсуҳбат шудаам. Бобо, ки ростиро силоҳи хеш медонисту аз дурӯғу фиреб канора меҷуст, аз илми динӣ низ баҳраманд буд ва ҳамзамон донишҳои дунявиро бо завқи нозук дарк мекард. Ҳеҷ гоҳ дили касеро намеранҷонд, агар дар нафаре камбудиеро пай барад, хеле ором ва беозор мефаҳмонд. Ҳамсуҳбати худро бениҳоят эҳтиром мекард. Аз ин рӯ, ҳар касе як бор дар суҳбати бобо шавад, боз орзу мекард, то бори дигар мулоқот кунад. Абдилҳакимбобо чунин як инсони суханвар, бомаънавият, покдил ва дар одамгарӣ беназир буд. Ӯ ҳеҷ чизро бо пулу сарват намесанҷид ва онҳоро меъёри арзиш намешуморид. Бо як сухан, дар ҳама гуна шароит асолати инсонии худро нигоҳ медошт.

Пирамард серфарзанд буд. Онҳоро чунон таълиму тарбия дод, ки ҳама дониш андӯхтанд ва дар зиндагӣ роҳи худро пайдо карда тавонистанд. Дилбандонашро бо ризқи ҳалол ба камол расонд ва дар тинати онҳо беҳтарин хислатҳои инсониро тарбият кард.

Нурбой яке аз фарзандони бобост, ки фазилатҳои накӯи падари бузургворашро дар худ таҷассум намудааст. Ӯ 1 январи соли 1966 дар деҳаи Отқамар таваллуд шудааст. Давраи кӯдакии худро дар канори дашту чарогоҳҳои васеъ сипарӣ намуда, соли 1983 мактаби миёнаи рақами 2-юми деҳаро хатм кардааст ва ба факултети филологияи ӯзбеки Донишгоҳи давлатии Тошканд (ҳоло Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон) дохил шудааст. Солҳои 1984-1986 қарзи ҷавонмардии худро дар назди халқу Ватан адо намудааст. Ҳанӯз дар айёми донишҷӯӣ пайваста хонда, дониши худро такмил додааст ва аз «домон»-и устодон маҳкам доштааст.

Нурбой пас аз хатми донишгоҳ, тӯли солҳои 1990-1998 дар Донишкадаи дастхатҳои ба номи Ҳамид Сулаймонови Академияи илмҳои Ӯзбекистон ба ҳайси лаборанти калон, аспирант, ходими илмӣ ва докторант фаъолият намудааст.

Соли 1994 дар мавзӯи «Манбаъҳои дастнависии осори Фурқат» рисолаи номзадиро бомуваффақият дифоъ кардааст. Метавон гуфт, ки ин ҳимоя дар фаъолияти илмии олими ҷавон гардиши муҳиме шуд. Дере нагузашта ӯ ба мукофоти солонаи Академияи илмҳои Ӯзбекистон барои олимони ҷавон сазовор гардид.

Тӯли солҳои 1998-2004 ҳамчун докторанти Донишкадаи забон ва адабиёти ба номи Алишер Навоии Академияи илмҳои Ӯзбекистон, дотсенти кафедраи «Адабиёти ӯзбек дар давраи эҳёи миллӣ»-и факултети филологияи ӯзбеки Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон, ҳамзамон солҳои 1999-2008 дар рӯзномаҳои «Фидокор», «Ӯзбекистон адабиёти ва санъати» ва маҷаллаи «Тафаккур» ба ҳайси мудири шуъба ва муовини сармуҳаррир фаъолият намудааст.

Олими ҷавони илмдӯст пайваста талош мекард, то зиндагӣ ва осори шоири бузурги маърифатпарвар Зокирҷон Холмуҳаммад ӯғли Фурқатро бо нигоҳи тоза таҳқиқ кунад. Дар ин самт чанд тадқиқот анҷом дода, ҳамчун натиҷаи ҷустуҷӯҳо кори докторнии худро дар мавзӯи «Ҳаёт ва мероси эҷодии Фурқат дар хориҷ: манбаъҳо, таҳқиқи матнӣ, поэтика» навишт ва соли 2004 дараҷаи доктори илм, соли 2011 бошад, унвони илмии профессорро соҳиб шуд.

Н.Ҷабборов солҳои 2004-2010 ҳамчун мудири кафедраи «Матншиносӣ, эҳёи миллӣ ва адабиёти муосири ӯзбек»-и факултети филологияи ӯзбеки донишгоҳи миллӣ, солҳои 2006-2016 ба ҳайси декани ҳамин факултет фаъолияти босамар намудааст.

Инчунин, дар давоми солҳои 2017-2019 дар Агентии илм ва технологияҳои Ӯзбекистон, ҳоло дар Вазорати рушди инноватсионии ҷумҳурӣ ҳамчун раиси комиссияи экспертии фанҳои филология фаъолият дорад. Ҳамчунин дар чанд донишгоҳ узви Шӯрои илмӣ ва Семинари илмӣ бобати тақдими дараҷаи илмии доктори фан мебошад.

Ин ҳама аз заҳматписандӣ, фидокорӣ ва садоқати ӯ ба илм гувоҳӣ медиҳанд.

Профессор Н.Ҷабборов дар конфронсу симпозиумҳои байналмилалӣ, ки дар мамлакат ва хориҷ доир мегарданд, фаъол иштирок мекунад. Аз ҷумла, дар Намоишгоҳи байналмилалии китоб дар Теҳрон, ҳамоишҳои байналмилалӣ, ки бахшида ба гиромидошти султони мулки шеър Алишер Навоӣ дар Истанбул ва ба муносибати 880-солагии Низомии Ганҷавӣ дар Боку баргузор шудаанд, инчунин, дар семинари байналмилалии «Андешаҳои Алишер Навоӣ» дар Ҳирот иштирок намудааст, ки ин ҳама эътирофи иқтидори илмии олим дар сатҳи байналмилалӣ мебошанд.

Н.Ҷабборов соли 2020 дар озмуни анъанавии ҷумҳуриявии «Барои Ватан зиндагӣ кунем!» ва соли 2021 барои монографияи «Соҳибқирони аҳли маъонӣ» дар озмуни «Беҳтарин асари сол» ҷойи аввалро ба даст овард.

Меҳнати ҳалол ва фидокоронаи олими нуктадон аз ҷониби давлат низ борҳо эътироф ва қадрдонӣ шудааст. Аз ҷумла, соли 2002 бо медали «Шӯҳрат», соли 2023 бо ордени «Дӯстлик» сарфароз гардид. Ғайр аз ин, соли 2023 бо ҷоизаи «Дастгирии илми адабиётшиносӣ»-и Донишкадаи адабиёти ба номи Низомии Ганҷавии Академияи миллии илмҳои Озарбойҷон ва медали «Алишер Навоӣ»-и Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбекии Тошканд (ДДЗАТ) мукофотонида шуд.

Ҳоло ӯ мудири кафедраи «Таърихи адабиёти ӯзбек ва матншиносӣ»-и факултети филологияи ӯзбеки ДДЗАТ буда, ба ҷавонон илми адабро меомӯзад.

Бояд гуфт, ки Н.Ҷабборов дорои як қатор фазилатҳои хуби инсонӣ мебошад. Дили пок дорад, камтару хоксор аст ва бо ҳама самимона рафтор мекунад.

Имрӯз ин олими заҳматписанду хоксор ба остонаи синни муборaки шаст қадам ниҳод. Аз ин рӯ, ба чунин шахсияти барҷаста, ҷуз саломатӣ ва тавоноии бештар, дигар чӣ орзу метавон кард? Фикр мекунем, ки ӯ дар шоҳроҳи зиндагӣ ва илм аллакай ба беҳтарин комёбиву дастовардҳои арзанда ноил гардидааст.

**Абдуқаюм БЕККАМОВ,**
**узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон.**

# «ХУБ ШУД, КИ ЗАН БА ДАВЛАТ ЁР ШУД...»

Ривоят мекунанд, ки Худованд аз осмон шукӯҳ, аз Офтоб гармӣ, аз субҳ равшанӣ, аз баҳор зебоиву аз гул накҳат, хушилҳонӣ аз андалебу вафодорӣ аз қувон қатра-қатра ҷамъ оварду занро офарид, то ҷаҳонро равшану инсониятро хушбахт гардонад. Дар ситоиши зан бузургони олам бисёр гуфтаанд. Аз ҷумла, донишманд Виктор Гюго дар ситоиши зан гуфтааст: «Зан қонуни пурнури хонавода, маркази меҳр, намояндаи ишқ, намоёнгари покӣ, намунаи муҳаббату дӯстӣ ва чашмаи бахшиш аст».

Ин шоҳбайти шоири шаҳири тоҷик Мирзо Турсунзода вирди забонҳост:

*Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд,*
*Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд.*

Дар кишвари мо ба зан, мавқеи ӯ дар ҷамъият эътибори калон дода мешавад. Дар Ӯзбекистони Нав таъмини ҳуқуқу манфиат, ҳифзи шаъну шарафи зан аз самтҳои бартариноки сиёсати давлат ба шумор меравад. Имрӯзҳо занону духтарони соҳибмаърифату боистеъдод дар ҳамаи соҳаҳои ҷамъияту давлат намунаи ибратанд.

Раҷаббувӣ Имомбердиева аз зумраи бонувонест, ки бо меҳнати шоистааш ба комёбиҳо мушарраф гаштааст. Ӯ соли 1958 дар деҳаи Нанай, ки яке аз деҳаҳои хушманзари ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд мебошад, таваллуд шудааст. Падару модари меҳнатқаринаш 8 фарзанд (3 писару 5 духтар)-ро дар кӯраи зиндагӣ обу тоб додаанд. Раҷаббувӣ (фарзанди панҷумини ин оила) бо акаву укаҳояш дар ҳезумтайёркуниву алафдаравӣ ба падарашон кумак мерасонд. Корҳояшро зуд анҷом дода, алафҳои даравидаи падарашро ҷамъ меовард. Падараш ӯро дар қатори писаронаш медид. Баъзан рустӣ аз кордориву ҷасорати ӯ ба модараш мегуфт. Табиати зебои деҳааш дили ӯро тасхир менамуд ва тахаюлоташро ба олами рангин мебурд. Меҳнати якранги деҳот ӯро дилгир месохт. Баъзан ба падараш, ки сарашро бо як пора матои сафед баста, бо дос алаф медаравид, раҳмаш меомад. Наход тамоми умр бо корҳои хоҷагиву оилавӣ машғул шаванд? Ояндаашро дигар хел тасаввур мекард. Лекин ширу қаймоқ ва равғани ҳар рӯз тановул мекардаашон натиҷаи ҳамин меҳнати падараш-ку! – аз дил мегузаронд ва худро таскин медод.

Баъди хатми синфи 8 (он солҳо таҳсил 10-сола буд) ба омӯзишгоҳи тиббии Чирчиқ ҳуҷҷат супурд. Хушбахтона, аз имтиҳонҳо бомуваффақият гузашт. Акнун дар пеш як «мушкил»-и дигаре меистод – ба таҳсил розӣ кардани падар, зеро падарашро хабардор накарда, ба омӯзишгоҳ ҳуҷҷат супурда буд. Он солҳо на ҳар кас барои таҳсили духтарон розӣ мешуд. Модараш сад баҳонаро пеш оварда, падарашро розӣ кунонд. Раҷаббувӣ баъди хатми бомуваффақияти омӯзишгоҳи тиббӣ дар беморхонаи деҳааш ба ҳайси ҳамшира ба фаъолият шурӯъ намуд. Пас аз ба шавҳар баромадан ба шаҳри Чирчиқ кӯч бастанд. Минбаъд фаъолияташро дар поликлиникаи шаҳр ва кӯдакистон давом дод.

Ӯ касбашро дӯст медошт, лекин аз фаъолияташ қонеъ набуд. Аз хурдсолӣ барояш кор дар як қолаб хуш набуд. Зани донишманду зукко ҳамқадами замон буд. Баъди соҳибистиқлолии кишварамон хост бо фаъолияте машғул шавад, ки аз он дигарон ҳам баҳраманд гарданд. Аз воситаҳои ахбор аз навгониҳо огоҳ буд. Ҳар як фармону қарори ҳукуматро аз назар мегузаронд. Рӯзе ҳангоми мутолиаи рӯзномае чашмаш ба фармон «Дар бораи чорабиниҳо оид ба барномаи давлатии ислоҳ кардани соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» афтод. Тибқи консепсияи ислоҳи соҳаи тибби кишвар дар тӯли солҳои 1998-2005, дар қатори ба рӯйхат гирифтани муассисаҳои хидматрасонии ёрии таъҷилии бепул, сухан аз корҳои профилактикии пулакӣ, зина ба зина аз тасарруфи давлат баровардани муассисаҳои тиббӣ мерафт. Ин буд, ки ӯ аз пайи созмон додани муассисаи хусусӣ гардид.

Соли 1999 пас аз давутози зиёд барои кушодани клиникаи хусусии тиббӣ литсензия гирифт. Корҳои таъмири бино ва таҷҳизонидани он тӯл кашид. Ниҳоят, клиникае созмон дода шуд. Имрӯзҳо дар ин муассиса шуъбаҳои кардиология, гинекология, терапия, неврология, лаборатория ва ғайра ба аҳолӣ хидмати босифати тиббӣ мерасонанд.



– Ба беморон ташхиси дақиқ гузошта, сипас бо муолиҷа машғул мешавем. Дар клиника 31 кати табобатӣ мавҷуд. Соли 2022 ба бинои нави хушсохту замонавӣ кӯчидем, – иброз дошт Раҷаббувӣ. – Ба клиника номи духтарам Дилчеҳраро интихоб намудам. Духтарам орзуву умедам ва дар ҳама кор мададрасон аст. Натиҷаи пешниҳодҳои ӯ буд, ки бинои клиника намои замонавӣ гирифта, бо таҷҳизоти муосир ва шифокорони соҳибтаҷриба таъмин гардид.

Клиникаи хусусии Раҷаббувӣ ба стандартҳои муосири хидматрасонии тиббӣ пурра ҷавобгӯ аст. Он бо усули кори худ, ки ба принсипҳои инсондӯстона, ғамхорӣ ба беморон ва касбияти баланд асос ёфтааст, фарқ мекунад.

– Солҳои аввали ташкили клиника аз идораҳои гуногун омада, ба ҳар чиз эрод мегирифтанд. Чунин ҳолатҳо гоҳо касро маҷбур месохт, ки талош кунад. Аз надонистани қонуну қоидаҳо бисёриҳо аз баҳри соҳибкорӣ мегузаштанд. Донистани қонунҳои соҳа барои ҳимояи худ ва муассисаи созмондодаам ба кор меомаданд. Шукри Худо 7-8 соли охир барои соҳибкорон имконияту имтиёзҳои зиёд фароҳам оварда шуданд. Имрӯзҳо таҳти сарварии Президентамон Шавкат Мирзиёев дар кулли соҳаҳо ислоҳоти назаррас амалӣ мегарданд ва тамоми имкониятҳо муҳайё гардидаанд. Ҳамаи монеаҳо аз роҳи соҳибкорон бардошта мешаванд. Агар гӯянд, ки дубора кадом касбро интихоб мекунӣ, ҷавоб аниқ – соҳибкориро! Беҳуда нагуфтаанд: «Меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ», – ба суханаш идома дод Раҷаббувӣ аз фаъолияти худ болида. – Роҳбари давлатамон баробари соҳаи дигар ба беҳбудии шароити ходимони тандурустӣ низ эътибори алоҳида зоҳир менамоянд. Ба ҳар як ҷамъомади марбути соҳа, ки дар он Сарвари давлатамон бо пешниҳоду навгониҳо баромад мекунанд, диққати ҷиддӣ дода, мазмуну моҳияти онҳоро ба ҷамоаи худ мерасонам. Ҳар сол дар арафаи Рӯзи ходимони тиб бароямон ғамхориву таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Аз ҷумла, Президент таъкид намуданд, ки минбаъд роҳбарони беҳтарини шуъбаҳои тандурустӣ, клиникаҳои оилавӣ ва муассисаҳои тиббӣ, ки усулҳои нави табобатро ҷорӣ карда, кормандони босалоҳиятро ҷалб намуда, хидматрасонии босифатро таъмин кардаанд, бо мукофотҳо тақдир мешаванд. Чунин рағбатноккунӣ моро хеле хушнуд менамояд, меҳнатамон қадрдонӣ мешавад.

Ташаббускорӣ, донишмандӣ, ташкилотчигӣ ва дарёдилии ин зани кордон на танҳо дар соҳаи тиб, балки дар рушд ва дастгирии занони соҳибкор низ аҳамияти калон дорад. Соли 2002 ӯро ба Иттиҳодияи занони соҳибкори Чирчиқ раис таъин карданд. Аз соли 2020 бошад, раисии Иттиҳодияи занони соҳибкори вилояти Тошкандро ба ӯҳда гирифт. Дар ин давр Раҷаббувӣ чандин шогирдро тайёр намуд. Занону духтаронро ба соҳибкорӣ, хонакорӣ даъват намуд. Ба онҳо бобати азхуд намудани касбҳои дӯзандагӣ ва пазандагӣ ёрӣ мерасонд. Шогирдонаш ороишгоҳ, ателе, сехи қандолотпазӣ кушода, нафаронро бо кор таъмин кардаанд. Заноне, ки дар хона кор карданро афзал медонанд, барои дӯхтани кӯрпаву кӯрпача фармоиш мегиранд. Фаъолияти ин зани шуҷоъ бо ин ба охир нарасид. Раҷаббувӣ аз соли 2018 аъзои фаъоли Шӯрои «Клуби занони соҳибкор»-и назди Сенат ва Олий Маҷлис ва Ассотсиатсияи соҳибкорон ва соҳибкорзанони пешбари Ӯзбекистон мебошад. Ӯ дар қатори занони пешбар ба анҷуманҳои ҷумҳуриявиву байналхалқие, ки дар шаҳру кишварҳои гуногун баргузор мешаванд, ширкат меҷӯяд. Ин вохӯриҳо ба мақсади мубодилаи таҷриба байни занони соҳибкори кишвар ва берун аз он, муҳокимаи лоиҳаҳои нав ва дастгирии ғояҳои муаррифию инноватсионӣ ташкил карда мешаванд. Ӯ дар семинарҳои марбути соҳибкорӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ва берун аз он бо баромадҳои худ фаъолона иштирок карда, барои омӯхтани таҷрибаи занони соҳибкори кишварҳои хориҷӣ ба Ҷопон, Озарбойҷон, Туркия, Олмон, Белорус сафар кардааст.

Алҳол клиникааш ба Маркази реабилитатсия табдил ёфтааст. Дар он беш аз 64 ходими соҳибтаҷриба ба аҳолӣ хидмати босифати тиббӣ мерасонанд. Аз онҳо 16 нафарашон шифокорони дорои тоифаи олӣ буда, баҳри ҳифзи саломатии аҳолӣ, тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим шабу рӯз хидмати шоиста намуда, намунаи баланди ватанпарварӣ, инсондӯстӣ ва хоссатан садоқат ба савганди Гиппократро дар амал зоҳир менамоянд.

– Ман худро бонуи бахтиёр меҳисобам. Зиёда аз 26 сол аст, ки ба хилъати сафеди тиббӣ «доғе» нарасонидаам. Аксарияти беморон бо сухани нарму тасаллибахш шифо меёбанд, ки ин ҳақиқат аст, – бо мамнуният мегӯяд ӯ.

Раҷаббувӣ бо шавҳараш ду нафар фарзанд – Зоирҷону Дилчеҳраро ба воя расонданд. Алҳол Зоирҷон иқтисодчӣ ва Дилчеҳра дефектолог мебошанд. Шаш набера ворисониояндаи онҳост.

Апа барои хидматҳои арзандааш дар назди халқу кишвар бо якчанд нишони сарисинагии Истиқлоли кишвар, «Мӯътабар аёл» ва аз ҷониби Ассотсиатсияи собиқадорон ва маъюбони Ӯзбекистон бо нишони сарисинагии «Ветеран» барои корҳои фидокорона ва самаранокаш нишони сарисинагии «Гиппократ» тақдир шудааст. Заҳмати чандинсолааш дар соҳаи ҳифзи саломатии инсон сазовори эътирофи баланди давлатӣ гардид. Раҷаббувӣ Имомбердиева соли 2025 аз ҷониби Президент дар Рӯзи кормандони тиб бо ордени «Саломатлик» (дараҷаи дуюм) мукофотонида шуд.

**Гулҷаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Моҳи октябри соли сипаришуда дар барномаи «Рангинкамон», ки бо забони тоҷикист, аз тариқи шабакаи телевизиони «Ӯзбекистон» оиди ҷашни забони тоҷикӣ дар мактаби рақами 17-уми шаҳри Ангрен барнома намоиш дода шуд. Аз ин мо – мардуми тоҷики Ӯзбекистон хеле хурсанд шудем. Чунки дар он барномаи тантанавӣ мактаббачагон бо забони модарии худ бо фахр шеърҳо мехонданд. Шиору лавҳаҳои синфхонаҳо, ҳавлии мактаб бо забони тоҷикӣ навишта шуда буд. Ба тантанаи Иди забон адибони тоҷик аз пойтахт омада, ба мактаб китобҳои бисёр туҳфа карданд.***

# ИБРАТ ШАВЕМ

Ман баробари тамошои барнома ҳолати имрӯзаи мактабҳои деҳаамонро, ки - 5 тоанд, бо мактаби номбурдаи шаҳри Ангрен муқоиса карда, бисёр афсӯс хӯрдам, ки имрӯз мо худамон ба решаи забони модариамон теша зада истодаем.

Чунки дар давоми 10-15 соли охир дар мактабҳои деҳаи мо шумораи синфҳои тоҷикӣ кам шуда, яктоӣ синф мондааст... Ба фикри ман, барои ин пеш аз ҳама муаллимони мактабҳои деҳаамон сабабгоранд.

Ман аз мактабҳои маҳаллаҳои тоҷикнишини ноҳияҳои Деҳнав, Сариосиё, Нурато, Сӯх хабардор шуда, хурсанд мешавам у аз ҳаёти мактабҳои деҳаамон ғамгин мегардам.

Масъалаи дигаре, ки мо мардуми тоҷикзабони Ӯзбекистони имрӯза беэътиборӣ мекунем, ин масъалаи рушди матбуоти тоҷик мебошад. Сол ба сол миқдор ва ҳаҷми нашри рӯзномаҳои тоҷикӣ маҳдуд шуда истодааст. Масъули саҳифаи тоҷикии рӯзномаи «Чуст ҳақиқати», мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон Ш. Даминова мебошад, ки худи рӯзнома моҳе як бор, саҳифаи тоҷикиаш дар ду моҳ як дафъа нашр мегардад. Миқдори нашри рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳам кам шудааст. Ин бошад, ба обуначиён вобастагӣ дорад.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
ноҳияи Чусти вилояти Намангон.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 3174. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.